ИСКАНДАРИ РАҲМОН

ОЯТИ САБЗИ НИГОҲ

ДУШАНБЕ
«Ирфон»
2017

https://bikhon.tj/

ББК 84 тоҷик 7 - 5
Р – 46

Китоб бо ибтикор ва ҳимояти Раиси шаҳри Панҷакент, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Ислом Зиёзода ба нашр расидааст.

Р – 46 Ояти сабзи нигоҳ. – Душанбе: «Ирфон», 2017, 90 саҳ.

Маҷмӯаи «Ояти сабзи нигоҳ» аз шеъру ғазал ва дубайтиву рубоиёти навини Искандари Раҳмон фароҳам омадааст. Муаллиф бо нияти гуфтани сухани тоза, офариниши тасвирҳои бикр, васфи ишқу зебоӣ, бозгӯии лаҳзаҳои зиндагӣ, ифшои розҳо забони хомаро ба гуфтор овардааст.

ISBN 978-99975-0-718-1

ББК 84 тоҷик 7 - 5

©Искандари Раҳмон, 2017

https://bikhon.tj/

СЕ ФАСЛИ ЧАРОҒ

https://bikhon.tj/

ГУСЕЛИ АШК

Аз паяш рафтаму надонистам,
Ҷодаи ашк то куҷоҳо буд.
Абр мегиряду намедонад,
Чашмаро роҳ то чӣ дарё буд.

Як саҳаргоҳ шохаҳои дарахт
Мижаҳои хамидаро мемонд.
Ашкҳои фариштаи найсон
Мавҷҳои рамидаро мемонд.

Бод бо хайрбод меафшонд
Дасти ҳар барг бар гусели ашк.
Аз фарозо, зи гардани абре
Боз бигсаста шуд ҳамели ашк.

Кӯҳ бо нӯги қарси абри сафед,
Аз бари дида ашк бармечид.
Даври лабҳои соиқа ҳар дам
Гиряи навбаҳор механдид.

Инак, он бодаи баҳор намонд,
Ҷоми хуршедии нигоҳ шикаст.
Маҳмили мастиву хумор гузашт,
Боли булбул зи тири оҳ шикаст.

Рафт аз умр моҳи найсон ҳам,
Соли дигар баҳор меояд,
Лек оё биҳишти дирӯзам
Бори дигар зи пор меояд?

Аз пайи ашк боз бигристам,
Баски он оби дидаҳоям буд.
Будаш аз чашмасори дил оғоз,
Чашми дил чашмаи сафоям буд.

https://bikhon.tj/

То маҷоле барои худ гирям,
Сар ниҳодам ба шонаи борон.
Гиря кардам чунон, ки аз ашкам
Мечакад боми хонаи борон.

ОН ПАРАСТУ

Он парасту, ки лона аз гил дошт,
Бари болору васса манзил дошт,
Он парасту, ки ҷой дар дил дошт
Ман надонам, чаро намеояд.

Фурсати навбаҳор кам монда,
Муддати интизор кам монда,
Шӯру шавқу шарор кам монда,
Аз парасту садо намеояд.

Магар он ҳамсаро намеояд,
Аз раҳи дурҳо намеояд,
Ё дигар сӯйи мо намеояд,
Боварам, ай Худо, намеояд.

АНҚО ШУДАМ

Дерест, ман муқими куҳистонам,
Ҳамсоягони ман сафедоронанд.
Бо мурғаконаш суҳбати ман гарм аст,
Зеро забони ҳамдилӣ медонанд.

Дерест, ман зи шаҳриёрон дурам,
Дерест, шаҳр аз бари ман рафтаст.
Бозори шаҳр пур зи сару савдост,
Савдои шаҳр аз сари ман рафтаст.

Тифлони ширбӯ ба дари ҳар кӯй
Ин ҷо сабоҳ шир набифрӯшанд.

https://bikhon.tj/

Тифлони деҳ зи шири модар серанд,
Аз ёди нақду нася фаромӯшанд.

Анқо шудам, ки дар бараш сад Қоф аст,
Анқои сад фасона зи Қоф ояд.
Ҳоҷӣ, ки даври хеш ҳамегардад,
Пас, Каъбааш куҷо ба тавоф ояд?

Баъди ҳазору як шаби афсона
Эй Шаҳрзод, боз биё сӯям.
Дерест, ман муқими куҳистонам,
Дар ҳафт шаҳри ишқ туро ҷӯям.

БИКӮШЕМУ НЕКӢ БА КОР ОВАРЕМ

Бидеҳ, соқиё, шамъу маҳтоби мо,
Ки нолон чу най мижаи хоби мо.
Ки ҳусни ту зеби гулистони мост,
Вале нолаҳо дар найистони мост.
Ки дар ин замони шикамборагӣ,
Ки дорад сари нафс амморагӣ,
Дар ин кӯчабоғу дар ин раҳгузор
Наёбӣ амон аз нигаҳҳои зор.
Яке дар талоши ҷаҳоне давад,
Дигар аз пайи ниманоне давад.
Ба ҳар сӯ кушоӣ ту чашми хумор,
Бубинӣ ятиме сарафганда, зор.
Яке хор дар пойи дил мондааст.
Гирифтори ғамҳои дил мондааст,
Ҷаҳон бар ғарибон ҷаҳони ғам аст,
Карон то карон ҳамкарони ғам аст.
Ба майдони мардӣ яле дар набард,
Яке сар ниҳода ба болини дард.
Бидеҳ, соқиё, баргу созе ба мо,
Кушода диле, дасти бозе ба мо,

https://bikhon.tj/

Худоят, ки чашму диле додааст,
Пайи дидану ҳамдилӣ додааст,
Бувад пойҳо баҳри роҳу равиш,
Ду дасти кушода ба доду диҳиш.
Калиди хизона, ки дар мушти туст.
Нигини Сулаймон дар ангушти туст.
Вале бар нигин аст розе ниҳон,
Агар хатшиносӣ, ту розаш бихон.
Ба ангуштвона дабири хирад,
Набишта, ки «имрӯз ҳам бигзарад.»
Ҷаҳонро саросар нигине бидон,
На меҳтар, на кеҳтар аз ӯ шодмон.
Бадо, базми мастиву майхонаҳо,
Гулӯи ту гиранд паймонаҳо.
Туро, эй қавидасту соҳибҳунар,
Бибояд ба ҳоли заифон назар.
Зи хирвори худ гар диҳӣ сиккае,
Ба оне, ки дорад дили тиккае.
Ятиме зи лутфи ту шодон шавад,
Тани ту зи оташ гурезон шавад.
Худо бар ятимон фиристад навид,
Расули Худо ҳам ятимӣ кашид.
Ғарибе расад, рӯй бикшо ба ӯ,
Ту бе суд сармоя бахшо ба ӯ.
Худованди лакбахш лак бахшадат
Ҳазоре ба подоши як бахшадат.
Бидеҳ, соқиё, раҳму инсофи мо,
Ҳумомон ба сар овар аз Қофи мо.
Бикӯшему некӣ ба кор оварем,
Ба эҳсон ба боғе баҳор оварем.
Зи хоки куҳан боз Ҳотам расад,
Ки ҷудаш ба ақсои олам расад.
Диле дар канори диле орамад,
Гуле аз гуле бӯйи ёрӣ шамад.
Ситора шабе гуфт бо шабнаме,
Ки дунё наярзад ба як ҷав ғаме.

https://bikhon.tj/

Ҷаҳонро ду дар ин сару он сар аст,
Ту гӯӣ, ки ин хонаи бедар аст.
Дареро кушодӣ, дарун омадӣ,
Дареро бубастӣ, чу берун шудӣ.
Миёни ду дар сабру ором нест,
Давоме ҷуз оғозу анҷом нест.
Бидеҳ, соқиё, лутфи пидроми мо,
Ки субҳи накӯӣ шавад номи мо.

АЗ ДИЁРИ МЕҲРУБОНИҲО

Чӯҷагонат зери болат, эй кабӯтар, эй кабӯтар,
Ҷонфишоно, хуш ба ҳолат, эй кабӯтар, эй кабӯтар.
Модари меҳрофаринӣ, доғи тифлонат набинӣ,
Бигзарад хуш моҳу солат, эй кабӯтар, эй кабӯтар.

Эй кабӯтар, оҳ гӯӣ, тифли инсон бепадар шуд,
Модаре ҷон доду тифле гӯиё бепову сар шуд.
Рафт асри санг аз мо, асри дилсангӣ расида,
Аз ғами инсон фаришта дар само беболу пар шуд.

Пир шуд инсон, валекин давлати пирӣ надорад,
Як дили садпора дорад, ғайри дилгирӣ надорад.
Дардманде ёди дармон дорад андар бистари ғам,
Чордевори хаёлаш боми тадбире надорад.

Бо ту аз шодиву аз ғамҳо бигӯям, эй кабӯтар,
Гоҳ хандам бо туву бо ту бимӯям, эй кабӯтар.
Ҳар замон чун дӯст бар рӯят дари дил мекушоям,
Ҳар замон чун дӯст меоӣ ба сӯям, эй кабӯтар.

Аз диёри меҳрубониҳо сафирӣ, эй кабӯтар,
Дастгирӣ, дилпазирӣ, беназирӣ, эй кабӯтар,
Мешиносам ҳиммататро дар қатори чӯҷагонат
Тифли инсонро таҳи болат бигирӣ, эй кабӯтар.

https://bikhon.tj/

ИФТИХОР

Илҳом аз пирӯзии Дилшод Назаров дар Бозиҳои олимпӣ

Ӯ зодаи модари ҳама тоҷик аст,
Ҳамзоду бародари ҳама тоҷик аст.
В-он пораи хуршед, ки бар каф ӯрост,
Тоҷест, ки бар сари ҳама тоҷик аст.
Шаҳномаи рӯдбору Фирдавсии кӯҳ,
Симу зару гавҳари ҳама тоҷик аст.
Бо оташи ишқ мефурӯзад дилҳо,
Қақнусу самандари ҳама тоҷик аст.
Родест, ки рӯҳи бешикасте дорад,
Ӯ зӯрии пайкари ҳама тоҷик аст.
Муштест, ки сангҳо на тобаш оранд,
Дастест, ки сангари ҳама тоҷик аст.
Рӯинтану ҷони чанд милён ҳамтан,
Ӯ як дилу бовари ҳама тоҷик аст.
Юнону Сикандар офаринаш хонанд,
Юнону Сикандари ҳама тоҷик аст.
Дилшод ғазанфари ҳама майдонҳост,
Дилшод ғазанфари ҳама тоҷик аст.
Сад шукр, ки нест бе бародар тоҷик,
Ҳамзоду бародари ҳама тоҷик аст.
Ҳар модари тоҷик барояш модар,
Ӯ зодаи модари ҳама тоҷик аст.

* * *

Вақте ки вожаҳо аз шеър бигрезанд,
Вақте сапедаҳо бо шом омезанд,
Вақте фитодаҳо дигар набархезанд,
Ман меравам аз худ,
Ман мерамам аз худ.

https://bikhon.tj/

Вақте ки ҷодаҳо моро баранд аз мо,
Вақте ки сояҳо рӯшантаранд аз мо,
Вақте ки хомакон боло паранд аз мо,
Ман меравам аз худ,
Ман мерамам аз худ.

Вақте ки бедилон бе дилбарон монанд,
Вақте ситорагон бе осмон монанд,
Вақте дарахтҳо бе бӯстон монанд,
Ман меравам аз худ,
Ман мерамам аз худ.

Вақте ки меравад аз рафтан омадан,
Вақте ки мерамад оҳу зи хештан,
Вақте ки меканад имони ман зи ман,
Ман меравам аз худ,
Ман мерамам аз худ.

ШАБЕ, КИ АШКҲОЯТ…

Аё яктотарин бону,
Шабе, ки ашкҳоят мечакид аз мижаи маҳтоб,
Шабе, ки мешунид оҳи турову санг мешуд об,
Чу дарё чашмаи ашки туро оғӯш мекардам,
Туро, эй Шаҳрзодам, аз тилифун гӯш мекардам.

Аё зеботарин бону,
Ту бояд мешудӣ субҳи нахустини ҷаҳони ишқ,
Ва боистӣ, ки номат мубтадои достони ишқ,
Чӣ дунёест ин дунё, ки медузданд бахт аз мо,
Ба як ифрит мебахшанд, бурда тоҷу тахт аз мо.

Аё танҳотарин бону,
Ҳамоно бе ту танҳоям, каси танҳотаринам ман,
Ҳар он кадре, ки биноям, ба ҷуз рӯят набинам ман.
Манам он ошиқи танҳотаринат, дӯст медорам,
Манам нолоиқи танҳотаринат, дӯст медорам.

https://bikhon.tj/

ХАСТА

Ӯ зи раҳ меомад,
Кӯлборе ҳам дошт.
Гуфтамаш: бори туро бардорам,
То маконат орам.
Лек чашму дили ӯ вом гирифт
Гиряе аз борон.
Ғунчасорони лабаш
Хандае аз гули савсан дуздид,
Баъд ором гирифт.
Гуфт: на, на,
Оҳ, ин бори гарон аст.
Ҳафт сол аст, ҷуз ин бор набардоштаам.
Ин бувад бори хушунат дидан,
Ин бувад бори хиёнат дидан,
Бори озору маломат дидан…
Кӯлбораш, ки ба дастам бирасид,
Он қадар ҳам сангин,
Он қадар буд гарон,
Ки агар рӯйи тарозуи фалак бигзорӣ,
Осмон мебишкаст.
Ман аз ӯ пурсидам:
Зи куҷоӣ,
Зиндагият чун аст?
Гуфт ин бор:
Аҳли Кошонам,
Рӯзгорам бад нест,
Тика ноне дорам-
хурда ҳуше, сари сӯзан завқе
Модаре дорам-беҳтар аз барги дарахт,
Дӯстоне-беҳтар аз оби равон
Ва Худое, ки дар ин наздикист…
Гуфт: Ин ҳарфи худам нест,
Ин сухан аз Суҳроб,
Хондам аз «Ҳашт китоб».

https://bikhon.tj/

В-аз табассум ба дилам зарҳал рехт.
Ман бар ин шеър барандешидам,
То ки мижгон задаму бикшодам,
Дидам ӯ нест.
Дидам ӯ рафтаву аз хеш нишонҳо мондаст,
Хандааш бо гули сурх,
Гиряаш бо борон.
Дидам ӯ рафтаву аз дунболаш
Роҳҳоро бурдаст.
Хира мондам ба дари шоми шигифт,
Баъд аз он рӯз дигар
Субҳу бегоҳ ба раҳ менигарам,
Ба раҳи соату оина.
Оҳ шояд имрӯз
Ӯ зи раҳ меояд…
Кӯлборе дорад…

* * *

Хазон имрӯз бо пироҳани тар бар дарам омад,
Ниҳоли ларзаҳо ин субҳи гирён дар барам омад.
Чаман аз ман бирафту тирамоҳи дигарам омад,
Зи роҳи сулфаи гунҷишк ёде бар сарам омад,
Дили афсурдаву зорам куҷо бошад?

Либоси шамъи рӯз аз доғҳои лола рангин аст,
Ба гулшан дар лабони ғунчаҳо табхола рангин аст,
Карони хобҳои ҷӯйборон нола рангин аст,
Куҷое орзуи духти ҳаждаҳсола рангин аст,
Дили аз ишқ беморам куҷо бошад?

Хазон мебигзарад в-аз нав баҳоре боз меояд,
Рухи ойина аз пушти ғуборе боз меояд,
Нигоҳи масту чашмони хуморе боз меояд,
Надонам аз кадомин ҷода ёре боз меояд,
Дили ёрам, дили ёрам куҷо бошад?

https://bikhon.tj/

* * *

Боз ҳам дар интиҳои рӯз танҳоям,
Боз ҳам дар интиҳои умр дилгирам.
Рӯйи гӯри ашкҳоям лола мерӯяд,
Ман барои хеш мегирям, ки мемирам.

Хонаи ойина торик аст, эй шабнам,
Омадӣ ҳоло, вале гулҳо ҳама сарданд.
Бо садои пойи ту чашме нашуд бедор,
Боғҳо, чашми шумо сабзанд ё зарданд?

Боз ин дил сар ба як девор мекӯбад,
Оҳ, шояд пушти ин дар дастҳое ҳаст.
Боз ҳам дар сабзазорони ҳавас, эй гул,
Аз ғизоли чашмҳоят нақши пое ҳаст.

Боз ҳам дарҳо ба сӯйи бастагӣ бозанд,
Боз ҳам оҳи дили ман пой дар занҷир.
Боз Маҷнун асту он афсонаҳо боқист,
Боз ҳам Лайлост аз афсонаҳо дилгир.

Як саҳар гар офтоб аз роҳи ғарб ояд,
Рӯ ба роҳи шарқ меорад ҷамоли ишқ.
Устувохат он забарро зер месозад,
Ҳам ҷануб он рӯз мегардад шимоли ишқ.

* * *

Ин манам ҳамсояи деворҳо,
Як туӣ такрори нотакрорҳо.
Пеши пойи ту саре афшондаам,
Дар қафас болу паре афшондаам.
Войи ман, бобунаам садбарг шуд,
Барг-баргаш зиндагиву марг шуд.
Бо шумори барг то шаҳр омадам,
Меҳр ҷустам, то дари қаҳр омадам.

https://bikhon.tj/

Барги охир аз ҷудоӣ лаб кушуд,
Аз фироқ, аз бевафоӣ лаб кушуд.
Оҳ, ин садбарги боғи Маснавӣ,
Дардҳои куҳнаро бахшад навӣ:
«Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,
В-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.»
Барги охир дӯст медорад, нагуфт,
Дилбари ту дил наёзорад, нагуфт.
Эй Худо, садбаргро бобуна соз,
Фоли ишқамро ба дигар гуна соз.
Навгулеро бо саду як барг деҳ,
Ман намегӯям, Худоё, марг деҳ.

ЭЙ ЛОЛАҲОИ ДОҒ...

Эй рӯзи охирин,
Эй вопасин нафас,
Эй занги иштибоҳ ба тилфуни ҳеч кас,
Ҳайф он замонаҳо, ки ҷон бо ишқ зинда буд,
Як шоҳ бар раияти ду дил басанда буд.
Шаб рӯзофарин,
Дастони сарди бод
Домони боғи ёди варо нотакида буд,
Моро чу гард аз бари ӯ нофиканда буд.

Эй ошиқонаҳо,
Перору пор буд,
Дар он шабони дур
Бедор буд ахтари бурҷи саодатам,
Тилфуни бесадои ман чун чашма метапид,
Маҳтоб захма мезаду бедор мешудам,
Ҷӯёи як дарича зи девор мешудам,
Дастобадасти бод ба гулзор мешудам,
Ёри азизи ёртарин ёр мешудам.

https://bikhon.tj/

Дерест, эй азиз,
Садбаргҳо ба лолаҳо тилфун намекунанд,
Тилфуни сабзи баргҳо хуни ҷигар шуда,
Шарёни боғҳо тиҳӣ аз хуни лолаҳост,
Садбарги ман, шумораат оё дигар шуда?

Эй ишқи охирин,
Эй вопасин ҳавас!
Дерест, к-осмони хаёлам гирифтааст,
Аз даҳ рақам, ки ҳаст, яке ошиқона нест,
Дасти дилам тиҳист.

Тилфуни гунги ман,
Як остон видоъ ғам овард бар дарат,
Як осмон сукут хам овард бар сарат.
Дерест, кас ба марги ман бовар намекунад,
Дар боғҳо бунафшае сар бар намекунад.
Перору пори ман
Бо нақшҳои пойи садо гум шуданд зор,
Дунболи нақши пойи напаймуда роҳи боғ,
Раҳгум бизад баҳор,
Ё чун дили ман гум шудаю гум бизад баҳор.

Хуни шумо ба гардани садбаргҳои боғ,
Эй лолаҳои доғ,
Аммо дареғи ман,
Ангораҳои ошиқӣ барбод мераванд,
Шаббодаҳову бодаҳо аз ёд мераванд.
Дарё даруни сина ҳаме санг парварад,
Дар базмгоҳи чашма дигар ҷойи шӯру шавқ
Бишкаста соғар аст,
Дар кимиёи чашми ман бе йод бас намак,
Дар нойи мижаам ҳубоб эҷоди чоғар аст.
Ҳайф он замонаҳо,
Эй ошиқонаҳо!

https://bikhon.tj/

ДАР ХАМИ СОЯИ ГУЛ

Мор бо мӯре гуфт:
Сахт бояд ранҷид,
Ҳар куҷо косаи шире бошад,
Заҳр бояд пошид.
Аз касе меҳр расад,
Қаҳр мебояд кард,
Боядо дӯст шудан бо душман,
Дӯстро душман хонд.

Мӯр гуфто: Бигзор,
Пайи коре биравам,
Зиндагӣ мухтасар аст.
Боядо некӣ кард.
Заҳр мебояд хӯрд,
Шаҳд бояд ангошт.

Гул ба сони дили ман меларзид,
Чашми занбӯри асал механдид.

* * *

Ҳар қадар бо ҳам дӯст,
Ҳар қадар якҷоянд,
Ҳар қадар механданд,
Ашк меполоянд,
Гоҳ дар як пастӣ,
Гоҳ дар болоянд,
Чашмҳои ману ту
Боз ҳам танҳоянд.

* * *

Ман намедонам, чӣ дорад ҳикмати ин боғбон,
Як ниҳолеро ба сад хуни ҷигар мепарварад,
Баъд дар айни ҷавонию гулафшонии умр
Бо табар меояду аз реша онро мебурад.

https://bikhon.tj/

* * *

Ман ба ёдат намерасам боре,
Ту зи ёдам намеравӣ ҳаргиз.
Баъди сад умри хеш донистам,
Ҳамканорам намешавӣ ҳаргиз.

Боз чӯйӣ маро зи афсона,
Гар набошам, бипурс аз будам.
Дили гармам зи ту наосуда,
Баски дар гӯри сард осудам.

Барфи испеди фасли дай омад,
Офтоби тамузи дигар рафт.
Оҳ, шояд, ки рӯзи охир буд,
Ман нагӯям, ки рӯзи дигар рафт.

Субҳаму аз ту рӯшанӣ хоҳам,
Офтобо, маро сияҳ манмо.
Шом бошам агар, кӣ фармудат,
Сӯйи маҳтоб як нигаҳ манмо.

Доман аз остон кашидам ман,
То ки домони осмон гирам.
Баъди сад зиндагӣ шудам зода,
Баъди сад марг ҳам намемирам.

* * *

Як сол пеш аз ин
Моҳи фалак мутарҷими моҳии роз буд.
Дар боғҳои чашми нилуфар
Дарё садои пойи булбул буд.
То аз биҳишти хобҳо моро раҳо карданд,
Ҳамсояи мо боли Ҷибрили муҳаббат буд.

https://bikhon.tj/

Сад умр баъд аз он
Моҳи фалак хамӯштар аз моҳист,
Дарё намондаасту нилуфар нест.
Аъроф орзуи ин чашмони бедор аст.
Ҷуз буд, буд, буд
Номе дигар ба хотири дафтар нест.

МЕЛОДИ ОЗАРАХШ

Боз ҳам аз Мисру аз Юсуф,
Боз аз Канъону аз Яъқуб мегӯям,
Боз аз хоби Зулайхо гуфтаву таъбир мечӯям.
Пушти ин барги дарахтон,
Пушти ин шаҳри азим,
Пушти ин кӯҳи баланд,
Пушти хотирҳои абрӣ рустое ҳаст,
Рустое,
Чор фасли ӯ баҳороғӯш,
Рустое,
Гоҳвори сабзи Ишқу Шеъру Имон,
Гоҳворе ҳамканори тахти хуршед.
Рустое,
Нима Мисру нима Канъон.
Оби Пардӯши Тагобаш ашкҳои дидаи Яъқуб,
Шоире ин русторо ҷонамози қиблагоҳаш гуфт.
Рустое,
Юсуф аз меҳроби кӯҳаш
Сураи Ихлос мехонад.
Дар кафи дасти дуояш озару абр аст.
Рустое,
Дар самояш
Озарахше мешавад тавлид,
Дорад ин озар шамими тозаи борони раҳмат,
Бӯйи нони гарм меояд аз ин борон,
Накҳати шеъри дарӣ меояд аз ин нон.
Зиндагӣ мелоди ошикро муборакбод мегӯяд.

https://bikhon.tj/

МЕЛОДИ ФАРЗОНА

Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён меояд аз паймона боз,
Ёди ёри меҳрубон аз Каъбаю бутхона боз.
Мезанад мижгони барқе шона бар гесӯи ашк,
Бӯйи дарё бишнавад ғаввос аз дурдона боз.
Шамъҳо ин шом дар боғи ҷигар бишкуфтаанд,
Лола буданро биёмӯзанд аз парвона боз.
Дастгири баргаки афтода шав, эй навбаҳор,
Зери айвони ту ороят парасту лона боз.
Сояи оҳуи дил аз бими шабхун мегурехт,
Мерасад бар сабзазори орзу дуздона боз.
Турфа обоне, ки сад оғози фарвардин аз ӯст,
Сабз буданро чаман омӯхт аз Фарзона боз.

КАНОРИ ОТАШИ ИШҚЕ...

Зимистонҳои тифлиям дигар буданд,
Барои тифли гавҳарҳои рӯди пуршитоби умр
Садафҳо як замон гаҳвораҳои гармтар буданд,
Замину сангҳо аз парниёнҳо нармтар буданд.
Дар он меъодгоҳи соғари бишкаставу ангури навруста
Дар он овон, ки дарё тармаҳое буд,
Ва гулҳо дар қабои ғунча пинҳон аз назар буданд,
Агарчанде канори лонаи вайронаи булбул
Сутуни базми зоғи тирадил бар осмони чиллашабҳо
шона меафрохт,
Вале дар дил тулӯъи офтоби бурҷи бовар буд,
Ки баъди ҳар зимистоне баҳоре боз меояд.
Зимистонҳои тифлиям дигар буданд.
Таҳи гардуни шабҳои аёси он зимистонҳо,
Ба сӯям аз ҳазорон чашми ахтарҳо
Нигоҳи сард камтар буд.
Зимистонҳои тифлиям дигар буданд,

https://bikhon.tj/

Бигуфто модари пирам:
Ҳамон субҳи зимистон барф мебориду мебориду
меборид,
Нахустин гиряат гулхандаи зангӯлаи субҳи нахустини
ҳаётат шуд,
Замину осмон мехост
Сапедиҳои роҳи зиндагиятро.
Нахустин бор бигристам,
Надонистам, ки баъди гиряи аввал
Ҳазорон бор мегирям,
Надонистам,
Дигар ҳар шом дар ойинаи чашмам
Фақат сирёли талхи гиря хоҳад буд.
Надонистам, ки ҳар субҳи наве дигар
Ҳамон сирёли ашки хешро такрор хоҳам дид.
Надонистам, ки аз анвору тоби офтоби ишқ
Зимистон об хоҳад шуд,
Тамузи ошиқиҳо мерасад, аммо
Дили ёрам мисоли тарма мемонад.
Чу фасли тирамоҳам ман,
Ки дар албуми ёдам аксҳои зард бисёранд,
Ҳама аксе, ки испеду сияҳ буданд.
Дар он испедҳову он сияҳҳо чашми мо дирӯз
Кабуду зарду сурху сабзро медид.
Бад-он сон дар кабуду зарду сурху сабз
Сиёҳиро ҳамебинанд чашмони башар имрӯз.
Зимистон меравад, аммо
Намедонам баҳорам боз меояд, намеояд,
Ба ҷомам абри раҳмат боз меборад, намеборад.
Ва оё дар кафи санг аз ҳино Аржанг мебинам,
намебинам.
Дарахти ток сар аз хок бардорад, набардорад.
Баҳоре боз меояд,
Намедонам, ки оё боз меоям, намеоям,
Агар дигар намеоям,
Дигар булбул намеояд.

https://bikhon.tj/

Зимистон меравад, аз нав баҳоре боз меояд,
Барои дилбарӣ дӯшизае бо ноз меояд,
Ба сад фасли баҳори дигар аммо бовари ман нест,
Миёни ин ҳама дилбар яке дил дар бари ман нест.
Ки ман аз хотири гул мисли гӯри булбули зоре
фаромӯшам.
Канори оташи ишқе ҳамеларзад дилам имрӯз,
Нигоҳи сарди рӯз орад ба ҷонам офтобе сӯз.
Ғамам дар кӯчаи пирӣ ба сони тифлаке шодона
метозад.
Ғами ғамҳои як дам,
Як дами пирӣ,
Хумори як дами беғам,
Дами тифлӣ
Диламро об месозад.
Даме бобои Раҳмондод
Булӯросо ба гӯши сангҳо бонги азон мегуфт:
-Намоз аз хоб ширин аст,
Намоз аз хоб ширин аст!
Сапеда медамид аз риши испедаш,
Дилам дар чашмаи хуршед рӯ мешуст,
Дарахти ток сар аз гӯр бармедошт.
Ба гӯши хеш мегуфтам,
Ки бобоям намемирад,
Ки мулло буду хору гул ҳама шогирди ӯ буданд.
Ба он риши сафеди барфгуна шона мепаймуд,
Ба сӯйи шабнаму хуршедҳо аз дур механдид,
Мисоли хӯшаи ангур механдид.
Ба даври сандалӣ бо дӯстонаш як мавизеро ба ҳам
медид,
Наботу чой меомехт,
Суҳбат гармтар мешуд.
Ки чун мулло Имому Тӯрабобо ҷӯраҳое дошт.
Дили хуршедии бобои Раҳмондод пойи ботаҳорат буд,
Вузӯ дар шабнами мижгони хоре мегирифт
ӯ чун гули хуршед,

https://bikhon.tj/

Ғами ҷонаш намозу рӯзаву зикру тиловат буд.
Дили шабҳои ялдо метапиду метапид он сон,
Дили ӯ бо дили дигар,
Ҳамон «Ёсин ва-л-Қуръон».
Баҳори навҷавонию тамузи ошиқӣ мебигзарад, ҳайфо,
Хазонафшони дунё ҳам намепояд.
Ба гардун аз лаби кӯтаҳтарин рӯзи зимистон дуди оҳи сард мепечад:
Ки баъди ҳар баҳоре тирамоҳе боз меояд,
Ва баъди ҳар хазонрезе зимистоне.
Шафақ сурхида аз хуни ғуруби офтоби бурҷи боварҳост.
Канори лонаи ободи зоғи тирадил, дардо,
Сутуни чаҳчаҳи булбул зи нав садпора мегардад,
Агарчанде
Тамоми тармаҳо дарёи ашк аз дида меборанд,
Гуле аз нав намерӯяд,
Дарахти ток мехушкад.
Бароям парниёнҳо аз замину сангҳо сахт аст,
Ду чашмам дар дили дарёи сарди ашк гавҳарҳост.
Зимистонҳои тифлиям дигар буданд…

СЕ ФАСЛИ ЧАРОҒ

Дареғи сонияҳо,
Яке ба ҷониби чап в-он дигар ба ҷониби рост
Пиёда мегузаранд.
Ва ман савораи мошин
Ба чашмҳои чароғи канори ҷодаи мағриб
Умед мебандам,
Ки сабз хоҳад шуд.
Ва ғофилам аз он
Чароғи сурхи шафақ дар канори ҷодаи рӯз
Паёми шамъи ғуруб аст.
Ва ин ки сонияҳоям зи роҳ мегузаранд,
Ситораҳои самоянду беш мегарданд.

https://bikhon.tj/

Аё, гули сурӣ,
Агар Худои ман
Ба баргҳои хазонат дубора умр диҳад,
Ба боғи субҳи дигар
Дубора гунаи сурхи ту сабз хоҳад шуд.
Ва ман савораи мошин
Паёми сабзи чароғи баҳори машриқро
Барои хотири бемор,
Барои ҳар дили беёр,
Барои мурғи гирифтор ҳадя меорам.

* * *

Ошиқе бепул буд,
Ошиқе танҳо буд.
Ин тараф ӯ Маҷнун,
Он тараф Лайло буд,
Дар миён дарё буд.

Акси худро медид
Офтоб аз гирдоб.
Бо ғами ошиқ буд
Моҳи шабҳо бетоб,
Пул набудӣ бар об.

Рӯзу шаб менолид,
Ки бисоташ кам буд.
Ҳама аз пул мегуфт,
Ғамаш аз дирҳам буд,
Дили ӯ пурғам буд.

Ки агар пул медошт,
Кори дунё месохт.
Васл мешуд ин ҳаҷр,
Пул ба дарё месохт.
Баҳри Лайло месохт.

https://bikhon.tj/

Як саҳаргаҳ Маҷнун
Ғарқа дар дарё шуд.
Рози пул доштанаш
Баъди ӯ ифшо шуд,
Ҷониби Лайло шуд.

Дирҳамаш барҷо монд,
Соҳиби тилло мурд.
Дили ошиқ чун ишқ
Дар дили дарё мурд.
Он тараф Лайло мурд.

* * *

Хокам, ки сар ба сояат месоям,
Бе ишқ чистам?
Дур аз ту ман манам, ҷудо аз моям,
Яъне ки кистам?
Бе ту яке ҷазираи ғамҳоям,
Яъне гиристам.
Гар чашмро ба рӯйи ту бикшоям,
Яъне ки зистам.
Ман бе ту як саҳифаи танҳоям,
Яъне ки нестам.

ҲАНӮЗ, ЭЙ СОАТ

Ҳанӯз, эй тақвим,
Баҳори ту нарасидаст,
Ба шохсори сукут ин таронаҳо аз чист?
Ба гӯши хуфтадилон ин фасонаҳо аз чист?
Нишоту соғару мастӣ, паёми фаррухбод,
Ғубори ғам назудудан зи хонаҳо аз чист?

Ҳанӯз, эй соат,
Шумори ту нарасидаст,

https://bikhon.tj/

Зи умри рафта умеди пагоҳ бояд дошт,
Барӣ ҳисоби як аз иштибоҳ бояд дошт.
Камони руста зи ашку табассуми гулро
Барои рӯзи мабодо нигоҳ бояд дошт.

АЁ ГУЛ

Шамъи рӯз об шуду рехт,
Абрҳо сабза шуданд.
Чашмае дарё сохт.
Навбаҳор омаду гуфт:
Омадам, то биравам.

Як даме сабр, аё гул,
Заврақи умрамро
Бод бар рӯди нигоҳат ронад.
Ҳамраҳи ту ман ҳам
Меравам, то оям.

https://bikhon.tj/

ХОКИСТАРИ НАЙ

(ғазалҳо)

https://bikhon.tj/

Зи боғу растаҳо, аз қалби хора
Диламро меситонам пора-пора.
Ба ҳам оварда, аз нав дил бисозам,
Ки соҳибдил шавам рӯзе дубора.
Диле корида будам, дил нарӯид,
Накард ашки муҳаббат низ кора.
Маро, эй осмон, борон надодӣ,
Надодӣ шири худ бар ширхора.
Шудам барбод чун хокистари най,
Ки то кай илтичо, то чанд зора?
Ман имрӯз аз канорат дур мондам,
Набудам чун зи аввал ҳамканора.
Маро худ хонда будӣ, хеш рондӣ,
Ба ҷуз роят надорам ҳеҷ чора.
Валекин боз ҳам хоҳам, ки бахтат
Бувад равшантар аз моҳу ситора!

* * *

Рӯйи Наврӯз мунаввар бикунад олами дил,
Офтобе бидамад аз ҳамали шабнами дил.
Машқи хат мекунад имрӯз навомӯзи насим,
Ранги сабзи қаламаш дар варақи хам-хами дил.
Шодии беш расидасту ғами кам мондаст,
Беш бистону фурӯ рез зи ҷомат ками дил.
Бод овард, ба хоки қадамаш об занед,
Оташи лола пайи сӯхтани ҳар ғами дил.
Дар чунин рӯз, ки зад панҷа ба дарҳо Наврӯз,
Ҳайфи умр аст, ки бе ишқ равад як дами дил.
Дар чунин сол, ки сад сол ҷавон шуд дили мо,
Ҳайфи ҷаннат, ки бironад агараш Одами дил.

* * *

Сари савдозада, сарсон нашавӣ,
Ронда аз равзаи ризвон нашавӣ.

https://bikhon.tj/

Оби дунё ҳама ҷо ҷамъу пареш,
Хотири ҷамъ, парешон нашавӣ.
Ба гиребони ту дасте нарасад,
Бо ҷаҳон дасту гиребон нашавӣ.
Шамъу хуршед баробар сӯзанд,
Дили афрӯхта, сӯзон нашавӣ.
Абрҳо домани ашк афшонанд,
Ҳеҷ гаҳ ашк ба домон нашавӣ.
Эй ки аз роҳи дилам мегузарӣ,
Ишқро дида, гурезон нашавӣ.
Ташнаҷонему туӣ оби ҳаёт,
Ҳеҷ гаҳ сер ту аз ҷон нашавӣ.
Нуҳ фалак қадри туро медонад,
Эй гаронқадр, ту арзон нашавӣ.

* * *

Баҳори тозаву дилҷӯ, магар бо ман наменомонӣ?
Чаро ин баргҳо доранд ҳар дам дастафшонӣ?
Дарахтон сабзпӯш, аммо маро бими хазон дар дил,
Само бикшода, аммо рӯзи дил абриву боронӣ.
Нахуфтам бо умеди дидани субҳи нигоҳи ту,
Нигоҳи тобнокатро чаро аз ман гурезонӣ?
Ба рӯйи парниёни сабза шабнам нақши поят буд,
Баҳоро, меравию нақши по бар дида мемонӣ.
Наёбам он раҳи дерин, ки бо ту пушти сар кардам,
Маро бигзоштӣ дар нимароҳи сахти симонӣ.
Яке рӯзам ба васлат, рӯзи дигар бо фироқат рафт,
Дареғи ваъдаи кӯтоҳи ин дурӯза меҳмонӣ.
Бигуфто шишаи тиреза розе бо гули гулдон:
Ба боронҳо набитвон шуст ҳаргиз хатти пешонӣ.
Туро дар чорроҳи чор фасли умр гум кардам,
Шудам афтодаи шебу фарози роҳи ҳайронӣ.
Чӣ бошад чор фасли хотирам дур аз биҳишти ту,
Парешонӣ, парешонӣ, парешонӣ, парешонӣ…

https://bikhon.tj/

* * *

Эй ту ситораи саҳар, рӯзи нават бахайр бод!
Шамси саодату қамар, рӯзи нават бахайр бод!
Эй ту баҳори сабзу тар, аз дилу ҷон азизтар,
Муждаи ишқ бар башар, рӯзи нават бахайр бод!
Назди гулон ту булбулӣ, дар дили булбулон гулӣ,
Бар алифи адаб забар, рӯзи нават бахайр бод!
Авҷу рафоату камол, ҳар назари ту сад ҷамол,
Эй ту ҷамолу мо назар, рӯзи нават бахайр бод!
Ҳури сапедаҳои меҳр омада аз дари сипеҳр,
Аз раҳи дил кушода дар, рӯзи нават бахайр бод!
Эй ту сабоҳати сухан, рӯй намо чаман-чаман,
Сабз бимону гулбасар, рӯзи нават бахайр бод!

* * *

Моҳи рӯза, қадри ҷонам меравад бо рафтанат,
Рӯди умр аз дидагонам меравад бо рафтанат.
Эй ҳама гул, эй насим, эй атр, эй боғи дилам,
Навбаҳори бехазонам меравад бо рафтанат.
То ту будӣ, кай гаронӣ дошт бори ҷодаам,
Қуввату зӯру тавонам меравад бо рафтанат.
Рӯз бо хуршеду шаб бо моҳу ахтар шод буд,
Шодии рӯзу шабонам меравад бо рафтанат.
Остонат осмонам буд, эй моҳи мунир,
Осмон аз остонам меравад бо рафтанат.
Бар забони ман шакарбахшо саломе будаӣ,
Ин шакар ҳам аз забонам меравад бо рафтанат.
Ашки ҳасрат, ашки ғурбат, ашки фурқат, ашки ғам,
Ашкҳои норавонам меравад бо рафтанат.

* * *

Ранҷи дил беҳисоб, эй соқӣ,
Дарди дил сад китоб, эй соқӣ.

https://bikhon.tj/

Дафтари рӯкушода зард шавад
Мисли ман з-офтоб, эй соқӣ.
Шиша холиву ток беангур,
Ман кашидам азоб, эй соқӣ.
Ақд бастанд осмону замин
Абрро бо сароб, эй соқӣ.
Ҳамалу ҳути осмонро кард
Дуди оҳам кабоб, эй соқӣ.
Боз кӯтоҳтар бишуд умрам
Аз ғами шайху шоб, эй соқӣ.
Ғами талхе, ки бе шароб хурам,
Талхтар аз шароб, эй соқӣ.
То ту аз роҳи оҳ омадаам,
Ташнаам, об, об, эй соқӣ.

* * *

Чиҳил кокул парешон дошт борон,
Ки бӯйи васлу ҳичрон дошт борон.
Ба гесӯвон кашида шонаи бод,
Даруни дил баҳорон дошт борон.
Ҳавасҳои зиёду дасти кӯтоҳ,
Нигоҳи лолу ҳайрон дошт борон.
Бирафт аз кӯчаи мо бахтчӯён,
Навои ёр-ёрон дошт борон.
Нарафт аз ҷонаму ҷон рафт бо ӯ,
Замоне ҷой дар ҷон дошт борон.
Чӣ афзун сабзаҳо хушкид бе ӯ,
Чу бахтам рӯй пинҳон дошт борон.
Варо дидам пас аз чандин баҳоре,
Ки ёди рӯзгорон дошт борон.
Сари гаҳвораи ҷунбони барге,
Ки гӯӣ тифли гирён дошт борон.
Садо кардам варо бо номи ёрам,
Ки номи моҳи хубон дошт борон.
Бипурсидам, чиҳил солам куҷо шуд,
Нагуфту ашки резон дошт борон.

https://bikhon.tj/

* * *

Ҳар саре гарм аст бо бозору бо савдои хеш,
Ҳам харидори худу ҳам тоҷири колои хеш.
Нақши уммат бенишон, расми муридӣ ноаён,
Ҳар касе пайғамбари худ гаштаву мавлои хеш.
Хок бе оби равон кай бораву боме шавад,
Гунаи деворро ранге диҳад бо лойи хеш.
Домгоҳу донаву ҳам дасту пое додаанд,
Дур дор аз дом даст, эй омада бо пойи хеш.
Сар ба пойи худ ниҳода, мондаӣ бепову сар,
По ниҳода бар сари худ, бе сару бе пойи хеш.
Таҳ ба таҳ донистаӣ, аммо зи таҳдонӣ чӣ суд
Бе замин, бе осмонӣ, бе таҳу болои хеш.
Ҳар касе дар зиндагонӣ хешро ово кунад,
Баъди рафтан кас нагӯяд водареғу войи хеш.

* * *

Шабе дар хоб дидам, к-одамиро эътиборе нест,
Чунин дидам, ҳама афтодаем, имдоди ёре нест.
Табиби ҳозиқе ҳам нест, Қонуну Шифо донад,
Ба беморони олам Бӯалӣ бемордоре нест.
Чунин дидам, ки дида чеҳраи шодӣ намебинад,
Ба дил аз чор сӯ ғам мерасад, як ғамгусоре нест.
Ба ҳар ҷое дабистон буд, ҷаҳлободи нодонист,
Ҳама тифли дабистон аст, як омӯзгоре нест.
Магар ин модари гетӣ дигар Ҳотам напарварда,
Ки абрӯи кушоде нест, ҳам ҷуду нисоре нест.
Муҳаббат по кашида, рафта дур аз ошёни мо,
Ки Юсуф мерасад аз роҳ, аммо интизоре нест.
Зи мижгони дарахти орзуи тифли бемодар
Хазони ашк мерезад, ки дигар навбаҳоре нест.
Яке қатра насиби сабзае, к-аз ташнагӣ сӯзад,
Зи абри осмонаш нест, з-оби чашмасоре нест.

https://bikhon.tj/

Биё, эй акси бедорӣ, шикан оинаи хобам,
Ки ин оина хуршеди маро оинадоре нест.
Биё, эй субҳи бедорӣ, ба ҷомам офтобе рез,
Ки кобуси маро шамъи шабафрӯзу шароре нест.

* * *

Саре дорам, биё, савдои ман бош,
Бикун Маҷнунаму Лайлои ман бош.
Зи нав роҳам намо сӯйи найистон,
Навои нойи Мавлонои ман бош.
Шитобон меравад дарёи умрам,
Биё, нилуфари дарёи ман бош.
Магӯ, дунё ду-се рӯз аст, имрӯз
Ту бистезу яке дунёи ман бош.
Рухат хуршедро истора хонад,
Биё, маҳтоб дар шабҳои ман бош.
Дилам рӯд асту бо он шасти мижгон
Ба қасди моҳии тиллои ман бош.
Зи нав бо шодиҳоям дӯст гардон,
Биёву душмани ғамҳои ман бош.
Маро ин умр беш аз навбате нест,
Аё якто, биё, яктои ман бош.

* * *

Боғбон, лолаи боғи ту саломат бодо!
Гули сурии ту то сури қиёмат бодо!
Тӯтии боғи ту шукри шакари васл кунад,
Қафаси ӯ зи найистони ҳикоят бодо!
Боз муншӣ, ки ба дафтар бикашад ҳар қимат,
Қиматат чун қалами сарв ба рафъат бодо!
Шому субҳе, ки ба мо мерасад аз ҷониби ту
Зулфи шабрангу рухи субҳи саодат бодо!
Оташу об, ки сӯзи дилу хуни ҷигар аст,
Озарахши караму абри иноят бодо!

https://bikhon.tj/

Чашми булбул, ки ба рухсораи гул менигарад,
Гавҳари дидаи оинаи сафват бодо!
Рӯзи мелоди ту тақвими нав оғоз бишуд,
То ҷаҳон ҳаст, ба тақвими ту муддат бодо!

* * *

Вақте чароғҳо ҳама хомӯш мешаванд,
Парвонаҳои шаҳр сияҳпӯш мешаванд.
Вақте ки ёди ҷомаи нав мекунад рақиб,
Ёрони куҳнаи ту фаромӯш мешаванд.
Афсонаҳои ошиқӣ барбод меравад,
Вақте нигоҳҳо ба бару дӯш мешаванд.
Пайроҳаҳои рафта шавад кӯр то баҳор,
Вақте ки боғу раста хазонпӯш мешаванд.
Заҳри бадан шавад шакару шаҳду шир ҳам,
Вақте зи ҷоми ҳирсу тамаъ нӯш мешаванд.
Оинаҳо забон ба дурӯғ ошно кунанд,
Вақте ки чашмҳои касон гӯш мешаванд.
Вақте ки осмон ҳама абр аст, дар замин
Хуршедҳо ба соя ҳамоғӯш мешаванд.
Оре, зи кафш то кулаҳ сӯфӣ шуданд, лек
Кай бошад он замон, ки сафокӯш мешаванд?

* * *

Эй субҳ, ба дидани ту меоям,
Аснои дамидани ту меоям.
Эй ширисапедаҳо ба коми дил,
Бо савти чакидани ту меоям.
Эй себи дарахти орзуҳоям,
Имрӯз ба чидани ту меоям.
Монанди ситора з-осмон имшаб
Эй гул, ба шамидани ту меоям.
Эй дил, ба гузаргаҳат ба пойи ишқ
Бо зарби тапидани ту меоям.

https://bikhon.tj/

Вопас ба Хуҷанди ёдат аз Табрез
Хоке зи такидани ту меоям.
Бе рӯйи ту умри ман ҳама шом аст,
Эй субҳ, ба дидани ту меоям.

* * *

Гуфтӣ, ки ишқ оби равон асту бигзарад,
Гуфтӣ, азияти ту гарон асту бигзарад.
Гуфтӣ, баҳорҳои дигар интизори туст,
Ин як баҳор раҳни хазон асту бигзарад.
Бе рӯйи ту ба рӯйи ҷаҳонам назар мабод,
Гуфтӣ, ду дида ҳам нигарон асту бигзарад.
Гуфтӣ, ки куҳна мешавад пироҳани навин,
Ин ишқ ҳам назираи он асту бигзарад.
Гуфтию ман шунидаму бовар намекунам,
К-ин ишқ реша дар гили ҷон асту бигзарад.
Бовар намекунам, ки замину замони ишқ
Осон чу ин замину замон асту бигзарад.
Бовар намекунам, ки дилам ҳолиё чунин
Ин қадр шоду сабзу ҷавон асту бигзарад.
Бовар намекунам ману бовар макун ту низ,
Бар он ки боварам гузарон асту бигзарад.

* * *

Агар меомадӣ, аз шодии дидор мемурдам,
Наоӣ, аз фироқу ҳасрати бисёр мемурдам.
Душанбевор менозӣ, ки Варзобе ба бар дорӣ,
Агар будӣ Бухороям, зарафшонвор мемурдам.
Ба рӯяш дида бикшодам, надид оина рӯямро,
Ки чун оина дар оинаи инкор мемурдам.
Гирифтори қафас дур аз барат бигзоштӣ танҳо,
Агар мехостӣ, эй гул, бари гулзор мемурдам.
Садо мекардамат, аммо садо аз санг меомад,
Ки чун акси садои хеш бо такрор мемурдам.

https://bikhon.tj/

Намедонам муҳаббат буд, ё кардӣ ба мо бозӣ,
Ба ҷонон зор мемурдам, зи ҷон безор мемурдам.
Намедонӣ, ки ҳар рӯзе ҳазорон бор мемирам,
Агар меомадӣ, эй марг, ман як бор мемурдам.

* * *

Дидаам саҳрост, эй Маҷнун,
Ашки ман дарёст, эй Маҷнун.
Сӯзани мижгони булбул ку?
Хорҳо дар пост, эй Маҷнун.
Бишнав аз Лайло, ки мегӯяд:
Рашки ту бечӯст, эй Маҷнун.
Байни авроқи китоби бод
Барги гул пайдост, эй Маҷнун.
Нолаҳо дар номаҳо хуфта,
Хома беовост, эй Маҷнун.
Дарди ман аз гӯр берун монд,
Зиндагӣ Синост, эй Маҷнун.
Гар тавонӣ зистан бе ишқ,
Марг ҳам зебост, эй Маҷнун.

* * *

Чашми сарам карони дилам гиря мекунад,
Бар марги ногаҳони дилам гиря мекунад.
Мурғи муҳаббат аз сари бомам париду рафт,
Ин бому ошёни дилам гиря мекунад.
Сино ба сони дидаам ҳайрону музтариб
Аз дардҳои ҷони дилам гиря мекунад.
Зангӯлаҳои хандаам якбора занг баст,
Аз дасти дилситони дилам гиря мекунад.
Гум кард сояам маро дар сояҳои шаб,
Маҳтоб дар шабони дилам гиря мекунад.
Бо пойи баргҳои хазон меравам ба дур,
Боғам ба гулфишони дилам гиря мекунад.

https://bikhon.tj/

Ёрам, чу рӯзе мешавам беному бенишон,
Бар ному бар нишони дилам гиря мекунад.

* * *

Ба аёдатат расидам, дили ман, чӣ дард дорӣ?
Ҷигаре зи дида резам, ки ту рӯйи зард дорӣ.
Ту бигӯ зи хоҳиши худ, ту бигӯ зи орзуят,
Ки бароят оварам он ки ниёзи фард дорӣ.
Ту бихоҳ, эй дили ман, равам, офтоб орам,
Ки шаб асту ларзаҳое ту зи оҳи сард дорӣ.
Дили ман, маро бубахшо, ки надидамат замоне,
Зи кучо ҳамерасӣ ту, ки ба мижа гард дорӣ.
Ту миёни сулҳу ҷангӣ, ту қарори сад шитобӣ,
Ба умеди созгорӣ ҳама дам набард дорӣ.
Ҳама умр хостам ман зи Худо саломати ту,
Дили ман, салом, инак, ту бигӯ, чӣ дард дорӣ?

* * *

Оҳ, дунёям зи дунё буданаш навмед шуд,
Субҳи фардоям зи фардо буданаш навмед шуд.
Он ки мехондию меронӣ кунун, ойина буд,
Аз ғами ин гуна танҳо буданаш навмед шуд.
Он ки бедораш намудӣ, дасту по мезад ба хоб,
Боз аз бедасту бепо буданаш буданаш навмед шуд.
Ишқи ту нохонда меҳмони азизам буд, лек
Аз азизи ҷони шайдо буданаш навмед шуд.
Дар лабони ғунча боғе аз табассум мешукуфт,
Ғунча аз боғи шукуфо буданаш навмед шуд.
Дард пайдо гашту пинҳонтар бишуд дармон, дареғ,
Дарди пинҳонам зи пайдо буданаш навмед шуд.
Сӯйи шаҳри ишқи ту рӯзе тамошо омадам,
Ишқ аз шаҳри тамошо буданаш навмед шуд.
Ғайри васлат ҷой дар дил бар таманное набуд,
Васл ин ҷо аз таманно буданаш навмед шуд.

https://bikhon.tj/

* * *

Бишнав аз дарё саломамро,
Аз чати мавҷаш паёмамро.
Рӯзи кӯтоҳам ба шаб омад,
Субҳи дигар нест шомамро.
Бе ту оғозам бишуд анҷом,
Мухтасар кардӣ давомамро.
Аз дарахти орзу чидам
Себи туршу хушку хомамро.
Ин чӣ бозӣ буд, эй соқӣ,
Санг зад як тифл ҷомамро.
Ҳам набудӣ пеш аз ин ширин,
Талх кард айём комамро.
Аз дилат, эй сангдил, ночор
Мебарам то санг номамро.

* * *

Будаам боғу чаман, боз биёбон шудаам,
Оҳ, эй халқи Худо, ташнаи борон шудаам.
Дидаи оҳуваше буду шикорам мекард,
Манам он сайд, ки аз хеш гурезон шудаам.
Дӯст дорам, чӣ шавад, дӯст надорам, чӣ шавад,
Бе ту ҳам бо туям, эй олиҳа, ҳайрон шудаам.
Дар дилам ойинаҳо рӯйи туро менигаранд,
Дар дили санги ту чун ойина пинҳон шудаам.
Гуфтаӣ: дарди ту зуд аст, ки дармон бишавад,
Дер вақтест, ки навмед зи дармон шудаам.
Чашм бастам зи тамошои рухат ҳам дар хоб,
Хешро дар гузари хотира пазмон шудаам.

* * *

Ҳамин дирӯз роҳу кӯчаҳои дил дигар буданд,
Ҳамин дирӯз дарёҳо зи наргис бехабар буданд.

https://bikhon.tj/

Ҳамин дирӯз сӯйи навбаҳори тоза роҳе буд,
Биёбонею бороне дар ин раҳ ҳамсафар буданд.
Чу мебишкаст оҳе, мӯмиё дирӯз арзон буд,
Ҳамин дирӯз боли оҳҳо кайҳонгузар буданд.
Ҳамин дирӯз мижгон бӯса мезад пойи боронро,
Ҳамин дирӯз чашми нуқраҳо ойинатар буданд.
Ҳамин дирӯз меафтодам аз боми нигоҳи ёр,
Ҳамин дирӯз шабнамҳо зи гул болоназар буданд.
Кафи пойи сабо аз хор пурхун асту озурда,
Ҳамин дирӯз дар боғи назар гулҳои тар буданд.
Ҳамин дирӯз ҳар як рӯзи ман бешом меомад,
Ҳамин дирӯз фардоҳои ман рашки саҳар буданд.

* * *

Эй беди маҷнун, он замонро оё ҳанӯзам ёд дорӣ?
Он ишқи сабзу гулфишонро оё ҳанӯзам ёд дорӣ?
Он рӯзҳо дилдору бедил дар ту паноҳ оварда буданд,
Печидани ҷоне ба ҷонро оё ҳанӯзам ёд дорӣ?
Ду мурғаки навболу навпар, минқору обу донаи васл,
Бӯсу канори мурғаконро оё ҳанӯзам ёд дорӣ?
Бо фавҷи мижгони хамида ту пардадори роз будӣ,
Дар ғунчаҳо атри ниҳонро оё ҳанӯзам ёд дорӣ?
Он дастҳо ҳамдаст буданд, бегона бо дасти табарҳо,
Он дастҳо, он достонро оё ҳанӯзам ёд дорӣ?
Гаҳ гиря буду гоҳ ханда дар маҳфили борону хуршед,
Тирукамони дидагонро оё ҳанӯзам ёд дорӣ?
Дерест, сӯят менаоянд, ҳоло намедонам, куҷоянд,
Эй беди маҷнун, ошиқонро оё ҳанӯзам ёд дорӣ?

* * *

Ман аз ин оғоз, аз оғози як фарёд
Меравам ҷое, ки рафт ангуштарин аз ёд.

https://bikhon.tj/

Ман яке хуршедаму аз ман ба ҳар ҷое
Мекунанд ойинаҳо хуршеди нав эҷод.
Дар ғуруби лаҳзаам ҳайфи тулӯъи ишқ,
Ҳайфи шамъи нимасӯзе рӯйи дасти бод.
Ин саҳар дидам ба коми ҷӯйбороне
Себҳо аз остини шохсор афтод.
Эй Худо, имрӯз Ширин бадтар аз Хусрав,
Мезанад бар решаи ман тешаи Фарҳод.
Ман чӣ ҳам гӯям ба боронҳо дар ин пойиз,
Боғи ман хушкид, дарё ҳам накард иршод.

* * *

Одам чаро намерасад бар орзуи хеш?
Дар кӯчаҳо давад ҳаме дар ҷустуҷӯи хеш?
Ҳушаш куҷост дилбари моро, дилаш куҷост,
Моро, ки маст мекунад бо атру бӯйи хеш?
Оне, ки хулқу хӯйи мо ҳар дам дигар кунад,
Боре дигар накард чаро хулқу хӯйи хеш?
Рӯ-рӯйи обҳо равон, даст аз равон машӯй,
Эй он ки даст шустаӣ аз обрӯйи хеш.
Одам якест, ин қадар ноодам аз куҷост,
Дарё якест, ҳар касе дар фикри ҷӯйи хеш.
Ойинаам, валек зи кӯтоҳии назар
Бар хеш санг мезанам мисли адӯи хеш.
Ман як ҳадиси неку бад донам, ки солҳо
Гуфтам ман аз бади худу ту аз накӯи хеш.
Мастии мо зи хуни дили мост, эй ҳабиб,
Холӣ надидаем мо ҷому сабӯи хеш.
Дорам умед з-он ки маро дӯш ронда буд,
Шояд ки боз хонадам фардо ба сӯйи хеш.

https://bikhon.tj/

* * *

Аё барги хазон, дар тангнои тирамоҳи ту
Дилам чун лонаи гунҷишк месӯзад зи оҳи ту.
Ғаме дар хонаи афсона оташ мезанад имрӯз,
Агар дирӯз шодӣ буда ин ҷо боргоҳи ту.
Ба ҳар тарфе ҳубобе шаҳсавори мавҷи ожангест,
Ба мижгони парешонӣ бирӯбам гарди роҳи ту.
Лиқои хотирам ин субҳ чун хуршед бигрифтаст,
Шудам, эй моҳ, инак сояи шоми сиёҳи ту.
Ба сӯйи боғҳо бо тири ноҳақ омадаст обон,
Касе дар ҷанги дунёӣ намепурсад гуноҳи ту.
Зи ҷому бода мастӣ кардаӣ бо боди фарвардин,
Баҳоре хондаам аз ояти сабзи нигоҳи ту.
Дарахти ман ба ҳоли реша мегиряд кунун, эй дӯст,
Ниҳоли ту ба ҳоли баргҳои бепаноҳи ту.

* * *

Турнаҳои фасли маҳзунии ман,
Ёд ored аз ҷигархунии ман.
Ғунчаҳои гиря дорад андарун
Ин табассумҳои берунии ман.
Раҳ ба раҳ инкори Лайло мекунад
Бе шумо такрори маҷнунии ман.
Пахтаи абри ҳаво нам мекашад
Бе шумо аз ашки сайҳунии ман.
Бе шумо як акси беоинаанд
Нуқраҳои ганҷи қорунии ман.
Бе шумо чуну чароҳо мекунанд
Бечароиҳову бечунии ман.
Бе шумо ин шаҳр мегардад бадал
Бар малолистони ҳомунии ман.
Аз ҷаҳон ҷӯёи шодиям шавед,
Чун равед аз фасли маҳзунии ман.

https://bikhon.tj/

* * *

Оҳ, ин ойинаҳо мижгонсиёҳанд,
Сурмаи бахтанд, шабҳои нигоҳанд.
Медамад имшаб ҳилоли теғи Чингиз,
Бар шабохун он ду абрӯят гувоҳанд.
Ҳарду рухсорат рухи имрӯзу фардо,
Дар шаби парвонаҳо парвину моҳанд.
Ҳар даме ошӯбҳои чашми Юсуф
Дар сари роҳи Зулайхо мисли чоҳанд.
Боз дар меъодгоҳи шамъу хуршед
Барги гулҳо шабнами моро нахоҳанд.
Ғарқаи дарёи худ карданд моро,
Ташнаро куштанд, аммо бегуноҳанд.
Эй баҳор, аз нав биё, то зинда гардам,
Ошиқон дар ҳашр, эй дилбар, гиёҳанд.

* * *

Акнун, ки дилам аз туву аз кори ҷаҳон монд,
Не коҳ аз ин хирмани мо монду на дон монд.
Дар раҳгузари тозабаҳоре, ки наёмад,
Доғе ба дили лолаи нашкуфта ниҳон монд.
Эй дӯст, ки паймонаи паймон бишикастӣ,
Мапсанд, ки паймонаат аз санг амон монд.
Боғи ту нафас мекашад аз дуди ту ҳоло,
Зеро ки сад оташ ба дили барги хазон монд.
Оина, ки ожанг ба мо баст, мапиндор,
Он гуна, ки будӣ ту, ҳамон гуна тавон монд.
Дигар сухан аз дилбару ҷонон натавон гуфт,
Ин қадр бигӯям, ки на дил монд, на ҷон монд.
Эй мурғи қафас, растию аз хеш нарастӣ,
Пойи ту гирифтор ба доми дигарон монд.
Бар чашми гул аз мақдами ҳар бод ғуборест,
З-он ёри сабукбор ба мо бори гарон монд.

https://bikhon.tj/

* * *

Ишқи нав омад, ки аз нав зинда гардонад маро,
Шоҳи дил хонад маро, бар тахт биншонад маро.
Аз яке ранҷида будам, меҳрубонам дӯш гуфт,
К-ӯ дили он кас биранҷонад, ки ранҷонад маро.
Муддате бо хеш будам, ӯ маро аз ман бибурд,
Мебарад аз хешаму бо ман наменонад маро.
Дар дили ӯ ғам мабоду шодии ӯ кам мабод,
Шукри он ёре, ки аз ағёр бистонад маро.
Оламе будам, ки дар ман одаме пайдо набуд,
Одаме омад, ки инак, оламе донад маро.
Чун зи ҳар як қатра ашкам наргисе бикшод чашм,
Ҳар касе хоҳад бихандад, зор гирёнад маро.
Пеши рӯ девор буд, инак, дари бикшодааст,
Қаҳри ӯ меронд, инак, меҳри ӯ хонад маро.

* * *

Ман надонам чӣ кунам бо ҳама нодонии дил,
Мурғи зирак нашавад волаи ҳайронии дил.
Ҳар касе номаи моро ба хато месипарад,
Зи қалам рафта хато, ё зи хатохонии дил.
Чиниён санъати дил сохтан омӯхтаанд,
Ки харидори пашизе шуда арзонии дил.
Шакаре нест зи хомӯшии лаб ширинтар,
Шӯртар ҳеҷ намак нест зи пешонии дил.
Қадами аввал агар буд хато, боз магар
Ба хато мебарадам ҳар қадами сонии дил.
Хотири шона на ҷамъ аст, аё зулфи пареш,
Осмон ҷамъ наовард парешонии дил.
Як сабад ишқ биёвар ба арӯсони чаман,
Булбуло, ёд кун аз фасли гулафшонии дил.
Тирамоҳ асту пару боли ҳавас мерезад,
Боз навмедии дил, боз пушаймонии дил…

https://bikhon.tj/

* * *

Ҷоми гулфоме надорам, миннати Ҷам мекашам,
Пеш аз ин май мекашидам, ҳолиё ғам мекашам.
Сад биҳиштеро биҳиштам дар баҳои арзане,
Бо шикоят боз ҳам домони Одам мекашам.
Ҳар нигаҳ бо теғ меояд, намебинад, ки ман
Ҳар замоне рӯйи захми тоза марҳам мекашам.
Он чӣ аз хуршед пинҳон доштам, як соя буд,
Сояи худро ба оғӯшам чу ҳамдам мекашам.
Ашки ман занҷирҳо бар пойи дарё мезанад,
Ҳалқаҳое ҳар дам аз мижгони шабнам мекашам.
Бас ҷафоҳое, ки аз ёрон кашидам солҳо,
Бехато донистаам, аз душманон кам мекашам.
Тифли новарзидае ҳастам ба дӯши ин замин,
Ман, ки бори осмонҳоро ба дӯшам мекашам.

* * *

Эй қаламкаш, иштибоҳамро бибахш,
Номаҳои бепаноҳамро бибахш.
Эй саҳар, эй офтоб, эй рӯшанӣ,
Сояи шоми сиёҳамро бибахш.
Пеши дидорат агар мижгон задам,
Боз ҳам қатъи нигоҳамро бибахш.
Бе ту ҳар боғе биёбон мешавад,
Оҳ, эй борон, гиёҳамро бибахш.
Талъати ойина ҳам бегард нест,
Рӯйи зебо, гарди роҳамро бибахш.
Аз ту гоҳе шиква кардам ҷойи шукр,
Шикваҳои гоҳ-гоҳамро бибахш.
Ҳар қадар боло равад, пастӣ кунад,
Каҳкашони ишқ, оҳамро бибахш.
Қаҳрат, оре, бе савобе нест, лек
Меҳрубони ман, гуноҳамро бибахш.

https://bikhon.tj/

* * *

Ту будӣ мушк, ё аттор, осон омадӣ, рафтӣ,
Шикастӣ нархи ин бозор, арзон омадӣ, рафтӣ.
Дареғи меҳрубониҳои ишқу мизбониҳо,
Ба ин меҳмонсаро, эй дил, чу меҳмон омадӣ, рафтӣ.
Шаби ялдои ҳичронат зи умрам бас дароз омад,
Ки чун кӯтаҳтарин рӯзи зимистон омадӣ, рафтӣ.
Дилам бо меҳр ҳам қаҳрист ҳамчун пир бо тифлӣ,
Канори меҳри пирӣ қаҳри тифлон омадӣ, рафтӣ.
Зи баъди хандаи тундар ҳазорон гиряи абр аст,
Надидӣ гиряҳои зор, хандон омадӣ, рафтӣ.
Табибам бош, гуфтам, боз дардамро фузун кардӣ,
Муроди ту аёдат буд, як он омадӣ, рафтӣ.
Ҳавои хотири ойинаи чашмам ғуборе дошт,
Ба ин шаҳри нафасҳо мисли борон омадӣ, рафтӣ.
Туро аз чор сӯ ово кунад мӯди наве ҳар дам,
Ба бозори муҳаббат низ он сон омадӣ, рафтӣ.
Ту ҷонбахшойи ҷон будӣ, намерафтӣ гарам, эй ҷон,
Вале, ҷоно, барои бурдани ҷон омадӣ, рафтӣ.

* * *

Ман чаро бо хораҳо ҳамдил шудам,
Орзуро куштаму қотил шудам.
Номаи бар номи кас нанвиштае
Бар замин аз осмон нозил шудам.
Пеши устоди муҳаббат солҳо
Хондаму хондам, вале ҷоҳил шудам.
Санги мизон қимати ҷонам шикаст,
Қомати бишкастаи як дил шудам.
Чашмае сӯям наомад, гарчӣ ман
Об гаштам, рӯди бесоҳил шудам.
Панҷаи абре набинвозам сарам,
Шӯразори хушки беҳосил шудам.

https://bikhon.tj/

Сад баҳор ояд, намеоям дигар,
Пеш аз ин гул будам, акнун гил шудам.
Ҷоми анҷоме ба ин девона дод,
Ҷуръае нӯшидаму оқил шудам.

* * *

Таънаам кардию оҳам рехт,
Барги оташ аз гиёҳам рехт.
Ман биёбонам, на гургу дад,
Юсуфистоне ба чоҳам рехт.
Гандумамро бодҳо бурданд,
Рӯйи доман барги коҳам рехт.
Бабри бедори найистонат
Хуни оҳуи нигоҳам рехт.
Бо мани бе ман мани манро
Ғийбате кардӣ, гуноҳам рехт.
Дар ғуруби шамъи чашмонам
Лаъли сӯзон рӯйи роҳам рехт.
Рӯзи моро хостӣ торик,
Бар сарат нури илоҳам рехт.

* * *

Нола нойи маро намешунавад,
Най навои маро намешунавад.
Бори сад корвон кашад дардам,
Кас дирои маро намешунавад.
Хуш бирав ҳам нагуфту ронд маро,
Хуш биёи маро намешунавад.
Пеши нодӯст войи дил гуфтам,
Дӯст войи маро намешунавад.
Хоҷа дарвоза аз дарун баста,
Ҳой-ҳойи маро намешунавад.
Ройи ағёрро бишуд ҳамрой,
Ёр ройи маро намешунавад.

https://bikhon.tj/

Ҳамчу руъё зи хотираш рафтам,
Бонги пойи маро намешунавад.
Гӯши ӯ пур зи оби борон аст,
Гул садои маро намешунавад.

* * *

Чу ман дар хонаат меҳмонам, эй Наврӯз,
Тиҳӣ шуд кулбаи эҳзонам, эй Наврӯз.
Китоби ҳафт сину ҳафт шинатро
Гузоридӣ ба рӯйи хонам, эй Наврӯз.
Зи ҳар як барг авроди алиф бо лом
Ту мехонию ман мехонам, эй Наврӯз.
Шуморам ашкро бо панҷаи мижгон,
Ки ман тасбеҳ мегардонам, эй Наврӯз.
Ману Юсуф ба Канъон бозмегардем,
Ки ман Яъқубро пазмонам, эй Наврӯз.
Ту кандӣ нақбҳое дар дилам аз ишқ,
Ки ман Анзобу Шаҳристонам, эй Наврӯз.
Қафас истодаву мурғи қафас сӯзад,
Наме аз абри ту афшонам, эй Наврӯз.
Зи хирманбодгар шуд майса ҳам барбод,
Ки ман бо ҳасрату армонам, эй Наврӯз.
Дили ойина сангин аст, ман нурам,
Абас дар синаҳо ғалтонам, эй Наврӯз.
Бимон рӯзе, ки бо ту сабзҷон бошам,
Туӣ ҷононатар аз ҷонам, эй Наврӯз.

* * *

Аз дар бадар нарафтаму бе ман баҳор шуд,
Лаб аз тарона бастаму гулҳо қатор шуд.
Дарё шитоб карду басе гарди роҳ аз ӯ
Тифлонасар ба химчаи мижгон савор шуд.
Парвонаи сапеда ба боғи шафақ расид,
Бобуназори дидаи ман лолазор шуд.

https://bikhon.tj/

Завлонаҳои сурма ба пойи садо задам,
Айб аз нигоҳ буд, ки роз ошкор шуд.
Шустанд бодаҳои ҳавас хатти ҷомро,
Ин ишқ дар қаламрави мастон чӣ хор шуд.
Дар мазҳаби ману ту зи дил муътабар набуд,
Бемазҳабӣ нигар, ки дил беэътибор шуд.
Мо пойро ба риштаи роҳи ту бастаем,
Дасте бидеҳ, ки мавсими гашту гузор шуд.
Бе корвон расидаӣ аз шаҳри орзу,
Эй сорбон, бигӯй, ба маҳмил чӣ кор шуд.
Мурғи чаман ба рӯзу маҳу соли нав расид,
Ман бебаҳор мондаму имсол пор шуд.

* * *

Дареғи рӯдҳо, бе чашмасорони ту мехушканд,
Дареғи чашмаҳо, бе барфу борони ту мехушканд.
Дареғи нозҳову розҳои дилбару бедил,
Ки розу нозҳошон дар дилу ҷони ту мехушканд.
Зи сӯзи синаҳо имрӯз бӯйи нафт мерӯяд,
Дареғи решаҳо, дур аз хиёбони ту мехушканд.
Зи вазъи осмон моро ҳавосанҷон хабар карданд:
Чу чашми чашмаҳо хушкид, чашмони ту мехушканд.
Ба гӯшат аз забони барг номи марг меояд,
Дареғо, эй ниҳоли ишқ, дастони ту мехушканд.
Буруни хонаат ҳар шабнаме боғе ба бар дорад,
Даруни хонаат гулҳои гулдони ту мехушканд.
Шарарҳои ниҳон дар чӯби гӯгирди таре, эй чашм,
Чу оташҳои сабзе дар зимистони ту мехушканд.
Дареғи нолаи шабҳо, дареғи оташу табҳо,
Дареғи кому лабҳо, дар найистони ту мехушканд.
Ҳама буду набуди ман, давоми ман, тамоми ман,
Ҷавониям, ҳама ҷамъу парешони ту мехушканд.

https://bikhon.tj/

* * *

Хонаам дар гузари борон аст,
Махзанам симу зари борон аст.
Мижаам дар кафи машшотаи нур
Шона бар мӯйи тари борон аст.
Оташи оҳ, ки печон бошад,
Даст андар камари борон аст.
Сабр Қоф асту ҳумо сояваш,
Ки варо болу пари борон аст.
Шамси Табрезии ман монда куҷо,
Ҳар замонам хабари борон аст.
Дузди шабгири ғамат айёр аст,
Чашми ман қуфли дари борон аст.
Нолаи ной, ки фарёди ман аст,
Захма бар гӯши кари борон аст.
Лаъл аз ғунча бадар меояд,
Баски хуни ҷигари борон аст.
Ҳаст парвезани абр анбонаш,
Осмон ҳамсафари борон аст.
Шомҳоро саҳаре ҳаст, оре,
Пайи шомам саҳари борон аст.

* * *

Пеш аз ин васвасаҳо ҳадяи раҳмонӣ буд,
Пеш аз ин манзараҳо чеҳраи нуронӣ буд.
Ҳар касе лофи азизӣ занад имрӯз, вале
Зеби авранги шумо он маҳи канъонӣ буд.
Мешудӣ дар ҳарами пардаи гӯшат пинҳон,
Нолаи нойи маро шарм зи урёнӣ буд.
Абҷади ишқ биёмӯз, аё мурғи чаман,
Ғунча дар боғи саҳар масти ғазалхонӣ буд.
Ман, ки бо дидаи бедор ҳамедидам хоб,
Дидани ёр маро хоби парешонӣ буд.

https://bikhon.tj/

Одам овехта бар сураташон ин ҷонҳо,
Нақши девори азал сирати инсонӣ буд.
Мӯй испед набуду шаби мо буд дароз,
Шонаву шамъ канори шаби зулмонӣ буд.
Ман, ки ҳайронаму аз ман хабаре нест маро,
Дӯш ойинаи мо дидаи ҳайронӣ буд.
Метавонист, ки мӯре бикашад бори ҷаҳон,
Чун зи дунболи гунаҳ ҳарфи пушаймонӣ буд.
Ин чӣ абрест, на меҷунбаду на меборад?
Рӯзи хуршедии ман хурраму боронӣ буд.
То ки будӣ дили мо ҳамқадаҳи пири муғон,
Мушкили мо ҳама дар панҷаи осонӣ буд.
Роҳ пайдост, вале роҳраве пайдо нест,
Роҳ пинҳону ҳама раҳрави пинҳонӣ буд.
Чархи гарданда, биё, сӯйи қафо баргардем,
Нақши аввал, ки кашидем, беҳ аз сонӣ буд.

* * *

Бишнав, ки чу най ҳикояте дорам,
Аз дурии ту шикояте дорам.
Ҳар субҳ, ки мешавам зи нав зинда,
Ҳар рӯзи наве қиёмате дорам.
Азбаски ҷабини хок бӯсидам,
Ин гуна ғуруру ҳашмате дорам.
Аз н-омадаву гузаштаҳо беғам,
Аз ҳарду ҷаҳон фароғате дорам.
Аз зилзила дур бош, ойина,
Дар хонаат истиқомате дорам.
Ҷамъе ғами нону нони ғам хӯрданд,
Бо резаи нон қаноате дорам.
Ҳар чиз, ки аз ман аст, аз ман нест,
Аз давлати дӯст давлате дорам.
Дасти талабе намебарам бар кас,
Ҳотам наяму каромате дорам.

https://bikhon.tj/

Дорад ба маоши ман ҳасад Қорун,
Бо панҷ дирам кифояте дорам.
Як барги саломам орзу аз туст,
Нобурда ба гӯр ҳасрате дорам.

* * *

Мавҷи ашки фариштаро монӣ,
Ё биҳишти биҳиштаро монӣ.
Чӣ сукуте, ки гӯри фарёд аст,
Оҳи дар сина куштаро монӣ.
Заврақамро яхи дилат бишкаст,
Оби аз сар гузаштаро монӣ.
Ҳар қадар хомаам сиёҳат кард,
Номаи нонавиштаро монӣ.
Ҷомаи Юсуфи ту садпора,
Сӯзану дасту риштаро монӣ.
Андар ин дашт зораму нолон,
Киштаи сабзи ҳиштаро монӣ.
Хор гуфтам туро, ки гул будӣ,
Хори аз гул сириштаро монӣ.
Як ғизолӣ ту, эй ҳазор ғазал,
Тири вопас нагаштаро монӣ.

* * *

Юсуф, хамӯшият, ки ба ғавғо фурӯхтанд,
Хоби туро ба чашми Зулайхо фурӯхтанд.
Дар кӯчаҳои шаҳр нигар, шири моҳро
Шабҳо ба оби чашмаю дарё фурӯхтанд.
Бо ин фулуси тира надонам, чӣ мехаранд,
Ёре, ки бар адовати аъдо фурӯхтанд.
Дар ҷамъи шодӣ дил ғами танҳоӣ мекашид,
Ин ҷамъро ба хотири танҳо фурӯхтанд.
Ин як-ду рӯз маҳрами асрори мо шуданд,
Номаҳрамон, ки роз ба ҳар ҷо фурӯхтанд.

https://bikhon.tj/

Мурғи ҳаё париду чаман пираҳан дарид,
Гулҳо фурӯхтанду қафасҳо фурӯхтанд.
Маҷнуни зор, ҳоли дилат бар лабон магӯй,
Оҳи туро ба бӯсаи Лайло фурӯхтанд.
Беғам куҷост як сару як ҷоми шод ку?
Майхонаро ба шодии ғамҳо фурӯхтанд.
Машшотаҳо, ки зинда шуданд аз дами саҳар,
Ҷонони хешро ба чалипо фурӯхтанд.
Мо сим будаему харидори худ шудем,
Бар мо дар ин муомала моро фурӯхтанд.

* * *

Оташи мо дудҳо манзур кард,
Оҳи мо ойинаҳоро кӯр кард.
Чашмҳои сарду тобистони гарм
Чашмаҳоро дар биёбон гӯр кард.
Он ки бо ӯ доштам ҳаққи намак,
Косаи ҳаққи диламро шӯр кард.
Меҳтару кеҳтар ҳама мошинсавор,
Мири морон иддао бо мӯр кард.
Шабнамеро дори мижгон дода боз,
Осмон ҳамқисмати Мансур кард.
Оҳ, эй маҳтоб, хуршедам гирифт,
Сояат субҳи маро бенур кард.
Оҳ, эй хуршед, он маҳтоб ку?
Шоми мо ёди биҳишту ҳур кард.
Тирамоҳ омад ва ё тири замон
Безамон аз навбаҳорам дур кард.
Баски соқӣ боғбон буд аз азал,
Бодаро хуни дили ангур кард.

* * *

Бӯйи дуди китоб меояд,
Хомаро печутоб меояд.

https://bikhon.tj/

Акси рӯят ба чашми ҷом афтод,
Аз ту бӯйи шароб меояд.
Рафта гармӣ зи хонаи мардум,
Ишқ то офтоб меояд.
Ин саҳар ҷӯйбор ях баста,
Об ҳам бо ниқоб меояд.
Ҳар сафедори нав, ки мерӯяд,
Чун асои итоб меояд.
Нест ширин чу хоби субҳ, вале
Субҳи пирӣ чу хоб меояд.
Об додан агар гуноҳ бувад,
Ташна мурдан савоб меояд.
Войи дил, войи тифли боварҳо,
Куштаи инқилоб меояд
Маҳрами рози гиря шуд гӯшам,
Хандаҳои рубоб меояд.
Бори ашк аст, эй ҷазираи чашм,
Заврақе бо шитоб меояд.
Ба суолам суол аз ҳар кӯҳ,
Ба ҷавобам ҷавоб меояд.
Як замонам чу рӯди дил хушкад,
Дилбарам баҳри об меояд.

* * *

Дар ин гулшан зи пажмурдан битарсем,
Дар ин гулхан зи афсурдан битарсем.
Ғами моро диле афшурд дар хеш,
Чу ғам аз дасти афшурдан битарсем.
Чӣ овардӣ, чӣ бурдӣ, хотири мо,
Аз ин овардану бурдан битарсем.
Ҷаҳоне ташнаи озори мо буд,
Ҷаҳонеро зи озурдан битарсем.
Барои дигарон мурдем сад бор,
Барои хеш аз мурдан битарсем.

https://bikhon.tj/

* * *

Зи май паймонаҳо холист имшаб,
Зи мо майхонаҳо холист имшаб.
Ҷаҳон ёдест аз Лайлию Маҷнун,
Дил аз афсонаҳо холист имшаб.
Чу мижгон бори гарде мекашиданд,
Зи анбон шонаҳо холист имшаб.
Зи равзан ҷустуҷӯи моҳ кардам,
Вале сомонаҳо холист имшаб.
Наояд кор сад барномаи ишқ,
Ҳама роёнаҳо холист имшаб.
Зи ошӯбу ҷунуну шӯру савдо
Сари девонаҳо холист имшаб.
Дили мо дузди шабрав шуд, валекин
Зи дилбар хонаҳо холист имшаб.
Нагунҷад осмон дар хотири шамъ,
Ки аз парвонаҳо холист имшаб.

* * *

Хандае будаму хомӯш шудам,
Ин қадар зуд фаромӯш шудам.
Хок парварда дар оғӯш маро,
Боз бо хок ҳамоғӯш шудам.
Кӯдаке ҳастам, аё модари даҳр,
Ки зи пистони ту майнӯш шудам.
Боз нашнохтам аз ҳам сару дил,
Ман, ки дил додаму мадҳуш шудам.
Бори ин дӯш ба фардо нарасид,
Дӯшро ҳамдаму ҳамдӯш шудам.
Ҷомаам пора шуду ҷом шикаст,
Ё хатопӯш, хатокӯш шудам.
Оҳ, эй гиря, куҷоӣ, ки чу шамъ
Баҳри парвона сияҳпӯш шудам.

https://bikhon.tj/

* * *

Ман хораму ту гулшан, эй орзуи сад ман,
Ман дастаму ту доман, эй орзуи сад ман.
Аз хок рустаам ман, ту рустаӣ зи дарё,
Ту гавҳарӣ, ман арзан, эй орзуи сад ман.
Дар роҳи осмонҳо ту офтобу ман чашм,
Ман раҳраву ту раҳзан, эй орзуи сад ман.
Ман як танам, ту сад ҷон, ман як дилам, ту сад ишқ,
Ман аз туям, ту аз ман, эй орзуи сад ман.

* * *

Чашми бедор, меравам сӯят,
Субҳи дидор, меравам сӯят.
Рустаӣ пушти хонаи ёрам,
Эй сафедор, меравам сӯят.
Чашми ойина бо ту маҳрам нест,
Нуқрарухсор, меравам сӯят.
Нони маҳтоб рӯйи хон дорӣ,
Баҳри ифтор меравам сӯят.
Дар дили розҳо ниҳон астӣ,
Парда бардор, меравам сӯят.
Эй баҳоре, ки дар ҳавас дорӣ
Накҳати ёр, меравам сӯят.

* * *

Монанди тут ҳар даме афшонда шуд дилам,
Чун дида аз пиёзи ғам гирёнда шуд дилам.
Ин ҷо хаёли боди саборо гузор нест,
Дар танбаҳои шаҳри ту вомонда шуд дилам.
Маҳкуми ҳабси хонаву бунбастаи нигоҳ
Дар додгоҳи ишқу ҳавас хонда шуд дилам.
Азбас шиносномаю визо надоштам,
Аз остони кишвари ту ронда шуд дилам.

https://bikhon.tj/

Дарё пас аз давиданаш ороми баҳр ёфт,
Ман беш хастатар шудаму монда шуд дилам.

* * *

Гум шудам, пайдо шудам дар ишқи ту,
Мурдаму эҳё шудам дар ишқи ту.
Хизри моро чашмаи оби ҳаёт,
Ғарқаи дарё шудам дар ишқи ту.
Нолаи нойи ту дар ҷонам фитод,
Ҷони Мавлоно шудам дар ишқи ту.
Осмоно, зер будам пеш аз ин,
Чун забар боло шудам дар ишқи ту.
Даст бар сар мезадам аз бесарӣ,
Роҳ будам, по шудам дар ишқи ту.
Нуқраи ойинаам чашмони туст,
Кӯри худ, бино шудам дар ишқи ту.
То бигӯ гуфтӣ, забонам лол буд,
Боз ман гӯё шудам дар ишқи ту.
Ақлҳо иксир мечӯянду ман
Махзани тилло шудам дар ишқи ту.
Эй ҳама ман, эй ҳама мо, эй ту мо,
Ман чӣ гӯям, мо шудам дар ишқи ту.
Як ту ҳастӣ, нест илло ту илоҳ,
Ё илоҳӣ, ло шудам дар ишқи ту.

* * *

Қурбони чашми равшанат, ман меравам нагӯй
Лоиқ

Эй шоми бахтро қамар, ман омадам бигӯй,
Бар коми васл, эй шакар, ман омадам бигӯй.
Инак ба рағми сад хазон, аз баъди фасли дай,
Эй навбаҳори сабзу тар, ман омадам бигӯй.

https://bikhon.tj/

Бар як саломат сад алайк, эй дӯст, даст гир,
Лабрез кун ҷоме дигар, ман омадам бигӯй.
Бе ту гули гулшан ҷафо аз хор мекашад,
Пое бинеҳ гулро ба сар, ман омадам бигӯй.
Зиндону чоҳу Мисрро, Канъону кулбаро,
Яксар бикун зеру забар, ман омадам бигӯй.
Дарёвашам, нишастаам гирёну сар ба санг,
Эй абр, бар сӯям гузар, ман омадам бигӯй.
Фарҳодро ба ваъдаи Ширин ту шод кун,
Боре бишав бар кӯҳ бар, ман омадам бигӯй.
Танҳо на чанд рӯзи ман, эй ҷумла умри ман,
Ман меравам нагӯ дигар, ман омадам бигӯй.

* * *

Зиҳӣ дини Муҳаммад (с), он ки Ҳақ бошад нигаҳбонаш,
Дуруде бар Расулу олу асҳобу ба ёронаш.
Зиҳӣ боғе, ки ҳар баргаш китобе дар бағал дорад,
Ки бӯйи ишқ меояд зи ҳар як ҳарфи Қуръонаш.
Зиҳӣ азме, ки андар роҳи ҷонон ҷон диҳад ошиқ,
Зиҳӣ ҷоне, ки роҳе бурда сӯйи васли ҷононаш.
Зиҳӣ ақле, ки аз зиндони нафсе мешавад озод,
Зиҳӣ Ҳотам, ки нафси хешро созад гаравгонаш.
Зиҳӣ расми вафодорӣ, зиҳӣ паймони поянда,
Зиҳӣ парвози дил то ошёни ишқу ирфонаш.
Зиҳӣ, эй он, ки ойини садоқат бар ту мерос аст
Зи Иброҳиму Исмоил, ҳам аз Иди Қурбонаш.
Зиҳӣ хона, зиҳӣ меҳмон, зиҳӣ авроди «Лаббайка»,
Зиҳӣ лолу зиҳӣ гӯё, зиҳӣ қавми санохонаш.

* * *

Ёди ман аз подабонӣ бозмеояд,
Бо асои навҷавонӣ бозмеояд.
Ҳамхазони сад баҳори рафтае будам,
Навбаҳори бехазонӣ бозмеояд.

https://bikhon.tj/

Баргҳои сабз Аржангест ҳар сафҳа,
Ларзаи дастони Монӣ бозмеояд.
Он ҳама субҳе, ки дар шабнам тулӯъе дошт,
Аз ғуруби арғувонӣ бозмеояд.
Боз меояд канорам ёри бекинам,
Ёр баҳри меҳрубонӣ бозмеояд.
Хоби пирӣ бишнавад акси садояшро,
Пойи тифлӣ бо равонӣ бозмеояд.
Сард бошад, лек оташ дар бағал дорад,
Санг бо ишқи ниҳонӣ бозмеояд.
Як пари коҳе ба рӯйи пилки гардун аст,
Каҳкашон аз парфишонӣ бозмеояд.
Аз бародарҳои Юсуф беш мушфиқтар,
Гурги Канъон аз шубонӣ бозмеояд.
Зинда бодо дил, ки марги хешро дида,
Зинда аз ҷанги ҷаҳонӣ бозмеояд.

* * *

Туғрал кӣ буд, як тан аз ворастагони даҳр,
Аз хеш раста, бо Худо пайвастагони даҳр.
Болонишине, рафтае то боми осмон,
Дар домгоҳи сад бало биншастагони даҳр.
Он маҳраме, ки аз дили Бедил шунида роз,
Гардида марҳами дили дилхастагони даҳр.
Нӯшида май зи ҷоми булӯри сапедаҳо,
Вақти қиём ҷомҳо бишкастагони даҳр.
Шабзиндадоре, бисмиле аз теғи офтоб,
Субҳе зи доми тирагӣ барҷастагони даҳр.
Он бахтозмудае дар шаҳри лаҳзаҳо,
Рахте ба сӯйи ҷовидон барбастагони даҳр.

* * *

Вақте ки марҳаме ба дили реш мерасад,
Одам ба қадри зиндагии хеш мерасад.

https://bikhon.tj/

Оӣ ба гулситон агар, аз неши гул матарс,
Гаҳ нӯш мерасад ба мо, гаҳ неш мерасад.
Гаҳ пеш меравем, гаҳе пас ману ҳаёт,
Ғофил, ки марг аз пасу аз пеш мерасад.
Бо дасти боз ҳар касе Ҳотам шавад, вале
Қорун зи тангдастиҳо дарвеш мерасад.
Ҷӯ об дод решаро, шабнам азиз шуд,
Гул ҳам ба қадри модараш кам беш мерасад.
Кас нест дар ҷаҳон, ки бидонад бадӣ ба кас
Аз куфр мерасад ва ё аз кеш мерасад.

* * *

Аз хоб хестам, ки саморо ба бар кашам,
Хуршеду субҳу боди саборо ба бар кашам.
Пайки азал ба пайкарам ҷони дигар дамид,
Ман омадам, ки халқи Худоро ба бар кашам.
Роҳе ба ошёни дил осон наёфтам,
Ман омадам, ки Қофу ҳуморо ба бар кашам.
Сад бор заҳр дода маро косаи замон,
Имрӯз чашмасори бақоро ба бар кашам.
Шоҳам, валек ҳуллаи товусиям мадӯз,
Он далқи куҳнаам, ки гадоро ба бар кашам.
Бо рангу обу сафҳаи Монии навбаҳор
Ман омадам, ки манзараҳоро ба бар кашам.
Сад роҳи сафҳа месипарам бо сари қалам,
Ман он сарам, ки сояи поро ба бар кашам.
Гар рӯзи аввал аст ва ё рӯзи охир аст,
Он аҳди куҳнаам, ки вафоро ба бар кашам.

* * *

Пардаҳои ёд меларзад,
Дар гузори бод меларзад.
Зулфи шаб ором андар банд,
Чун шавад озод, меларзад.

https://bikhon.tj/

Домани дарёст хоколуд,
Чашма аз иршод меларзад.
Осмон афтодатар аз барг,
Шонаи шамшод меларзад.
Ҷоми Ширини замон пурхун,
Теша аз Фарҳод меларзад.
Чор сӯ овозаи гургон,
Дар гулӯ фарёд меларзад.
То харобандеш обод аст,
Ин харобобод меларзад.
Боми нозаш ахтар овезад,
Ҳар киро бунёд меларзад.
Беш аз нуҳ моҳ шодӣ нест,
Тифл аз мелод меларзад.

* * *

Навои навидам, салом, эй баҳор,
Самои сафедам, салом, эй баҳор.
Зи дому қафас, аз биёбон раҳо
Ба боғат расидам, салом, эй баҳор.
Дар овони пойизи дунё туро
Ҳама сабз дидам, салом, эй баҳор.
Ба хору гулам, абри раҳмат, бибор,
Зулоли умедам, салом, эй баҳор.
Аё ҷоми ҷамшедии офтоб,
Ҷамистони шедам, салом, эй баҳор.
Зи авҷи қиёми ту, эй навтулӯъ,
Чу мижгон хамидам, салом, эй баҳор.
Ту то ман расидӣ, ту идонаӣ,
Расад бо ту идам, салом, эй баҳор.
Зи эъҷози ту ҷумлагӣ дил шудам,
Чу ишқе тапидам, салом, эй баҳор.

https://bikhon.tj/

* * *

Сар ба сармои ғамон биспурдаам,
Дар ғамистони касон афсурдаам.
Сӯйи шабҳо офтоб овардаам,
То зимистонро зи ялдо бурдаам.
Хӯрдаам ғамҳо, ки ҳаққи ман набуд,
Рӯзгоре ҳаққи мардум хӯрдаам.
Кай дилозорӣ ба море доштам,
Мӯраму аз морҳо озурдаам.
Аз баҳори синаҳо бишкуфтаам,
Моҳи меҳр аз кинаҳо пажмурдаам.
Зода гаштам ҳамраҳи навзодагон,
Чун касе ҷон дод, бо ӯ мурдаам.

* * *

Ҷоми ҷаҳоннамо дигар чорагарам намешавад,
Чашму чароғи лолаҳо ҳамназарам намешавад.
Боли парандаҳои барг рехта аз дами хазон,
Боли шикастаи шумо болу парам намешавад.
Мекашам аз дари чаман пой ба раҳ чу шабнаме,
Оҳу фиғони чашмае ҳамсафарам намешавад.
Рафта зи сар хуморҳо, сард канори хорҳо,
Май ба кафам намерасад, гул ба барам намешавад.
Аз чапу рост, пушту рӯ роҳ занад ҳазор дом,
Шаш ҷиҳати ҷаҳон баҳам бому дарам намешавад.
Баста ба нолаҳои най гӯш чу тӯтиён ҳавас,
Баски шаранг талхтар аз шакарам намешавад.
Дафтари машқи хатти мо роҳи дарози ашкҳост,
Умр ба шеваи дигар пайсипарам намешавад.

* * *

Монои маст меравад дар кӯчаҳо шамол,
Сар рӯйи даст меравад дар кӯчаҳо шамол.

https://bikhon.tj/

Хатти фишори хуни дарахтон аз ӯ бихон,
Болову паст меравад дар кӯчаҳо шамол.
Дунболи тир медавад оҳуи офтоб,
Бо хезу ҷаст меравад дар кӯчаҳо шамол.
Санги нигоҳ бар сари ойинааш кӣ зад,
Бо сад шикаст меравад дар кӯчаҳо шамол.
Эй умри ман, зи роҳи ӯ як сӯ канора ҷӯй,
Зеро башаст меравад дар кӯчаҳо шамол.

* * *

Навгули баҳман бувад ҳамзоди ту,
Муждае аз навбаҳори шоди ту.
Дидаи булбул чаро хуспад, ки нак
Хирс ҳам бедор шуд бо ёди ту.
Шеър мехонад ба овои дарӣ
Кабки рав аз дафтари эҷоди ту.
Мезанад мижгонат, эй оҳуназар,
Тирҳое бар дили сайёди ту.
Ҳусн дар ойина чун дил метапад,
Баргаке аз шохаи шамшоди ту.
Ростон чун сояҳо сар мениҳанд
Пеши сарви қомати озоди ту.
Чашм бо рӯйи ту маҳрам мешавад,
Ишқ мегӯяд муборакбоди ту.
Аз азал хуш омадӣ, эй он ки кард
Зиндагиро зиндатар милоди ту!

* * *

Имрӯзҳо ба хотири дирӯз по шудам,
Зиндони ғам шикастаму аз банд во шудам.
Ёди баҳор кардаму ҷустам раҳи баҳор,
Дар ҷодаи сафар ба гуле ошно шудам.
Розе ба ман зи боғи шукуфтан паём дод,
Паҳлӯи худ шукуфтаму ёри сабо шудам.

https://bikhon.tj/

Рафтам ба шевае, ки дил аз ошиқон бирафт,
Дар хонаи қарор даме кадхудо шудам.
Дидам, ки мешитофт хазон пештар зи ман,
Бо баргҳо зи нахли умедам раҳо шудам.
Дидам, ки зиндагии гул ҷуз як баҳор нест,
Аз хор ҳам чу домани марге ҷудо шудам.
Ин шишаи кабуд бизад санг бар сарам,
То бесадо шикаста шудам, пурсадо шудам.

* * *

Хезу аз хона баро, Наврӯз аст,
Шаш дари сина кушо, Наврӯз аст.
Сояи абр шикан, эй маҳтоб,
Офтобона намо, Наврӯз аст.
Дарди ҳаҷр аст ниҳон дар оҳат,
Оҳ аз дасти шифо, Наврӯз аст.
Сар магӯ, пой магӯ, эй ранҷур,
Ганҷи ту, ҳам сарупо Наврӯз аст.
Мужда аз қофилаҳо меояд,
Муждаи қофилаҳо Наврӯз аст.
Дар дили ғунча ғазалвор махусп,
Гулузоро, бисаро, Наврӯз аст.
Ҳама рӯзу ҳама ҷо хуш бошӣ,
Зи куҷо то ба куҷо Наврӯз аст.

* * *

Дилсӯзтар аз шарора будӣ,
Маҳтобтар аз ситора будӣ.
Ман лоиқи як назар набудам,
Ту лоиқи сад назора будӣ.
Дилро ба ту пора дода будам,
Афсӯс, ки санги хора будӣ.
Бо чашм туро ҳамешунидам,
Вақте сухани ишора будӣ.

https://bikhon.tj/

Мобайни замину осмонҳо
Бечора маро ту чора будӣ.
Будӣ чу баҳори ман чаман сабз,
Вақте ки туям канора будӣ.
Месӯхт дилам дубора аз ишқ,
Ин умр агар дубора будӣ

* * *

Дар ин ҷазираи бедоди ишқ танҳоям,
Чаҳор фасли фиребо ҳамин бувад ҷоям.
Чаҳор фасли нигоҳу чаҳор сӯйи замон,
Чаҳор мехи ҷафо бар ду дасту поҳоям.
Ту аз кадом тараф мерасӣ, сафинаи ман,
Ки роҳи омаданат рӯзу шаб ҳамепоям.
Ҳанӯз аз дари гардун умеди боле ҳаст,
Умеди он ки зи поин кашад ба болоям.
Ба осмон биравам, ё ба Тури хеш расам,
Бидонаме, ки на Исо манам, на Мӯсоям.
Маро на дӯст, на душман, на хешу бегона,
Зи рӯзи рафта паёме ба рӯзи фардоям.
Намерасад ба ғубори раҳи ту мижгонам,
Ба остонаи он дар намерасад поям.
Ҳанӯз дар бари девори зиндагӣ хомӯш
Ба ёди рӯйи ту оинаи таманноям.

* * *

Ҷафокоро, мадеҳ барбод моро,
Чунин осон мабар аз ёд моро.
Чу дарё магзару магзор ин ҷо
Чунин бо хотири ношод моро.
Туро хандидану болидану ноз,
Фиғону нолаю фарёд моро.
Туро шодиву ҳусну санги дил дод,
Ғами ишқат ба дил бинҳод моро.

https://bikhon.tj/

Фишорад тангтар ҳамчун гулӯе
Ғам андар ҳалқаи бедод моро.
Агар бар коми Хусрав гашт Ширин,
Фитода қисмати Фарҳод моро.
Ниҳоли ту, ки боғи ақл месӯхт,
Кафи хокистаре бар дод моро.
Дар он дурӣ, ки мо аз хеш дурем,
Намедонам, чӣ ҳол афтод моро.
Чӣ ҷӯӣ душмании мо, ки модар
Барои дӯстдорӣ зод моро.

* * *

Бо баду неки ҷаҳон чанде муросо боядам,
Эй биё, ёро, ки бо ағёр ёро боядам.
То ғами Ҳавво набудӣ, шодии Одам набуд,
Дар биҳиштам Одами афсурда, Ҳавво боядам.
Ёди нахле кардаам, то аз биҳиштам рондаанд,
Нахли гандум боядам, ҳам нахли Тӯбо боядам.
Ташнагии лаъл аз хуни ҷигар ҳам нашканад,
Ҳамчу гавҳар хонае дар чашми дарё боядам.
Заҳр бошад ин табассум, баски бо гул бевафост,
Аҳди занбӯри асал бо хори саҳро боядам.
Дил зи беёрӣ дар ин шаҳри шумо ғоре тиҳист,
Ёри ғоре боядам, дар ғор маъво боядам.
Оҳ, дар ҷамъи ману ту нест танҳотар зи мо,
Оҳ, эй танҳо биё, танҳо яке мо боядам.

https://bikhon.tj/

Д У Б А Й Т И Ҳ О

https://bikhon.tj/

Ману ту ташнаи як шаҳд бошем,
Ману ту бастаи як аҳд бошем.
Ба роҳи ишқи мо банде наафтад,
Агар заҳматкаши як ҷаҳд бошем.
* * *

Ба ёдат роҳҳоро бигзарам ман,
Зи кӯҳу рӯду саҳро бигзарам ман.
Ба роҳи ошиқӣ рӯят надида,
Мабод аз роҳи дунё бигзарам ман.
* * *

Ду чашмонам ба роҳат чор гоҳе,
Нигоҳам аз пасат ночор гоҳе.
Тамоми умр ман дорам таманно:
Шумориям ту бо худ ёр гоҳе.
* * *

Ҳама олам тамошобоб имрӯз,
Баҳор андар бари аҳбоб имрӯз.
Нигоҳам ташна буду шукри Наврӯз,
Ки аз ҳусни ту нӯшад об имрӯз.
* * *

Бубинам навбаҳорон пуштаи сабз,
Бувад борон ба хун оғуштаи сабз.
Чу гандумдонае дар хок афтад,
Бирӯяд боз, гӯӣ куштаи сабз.
* * *

Дило, бо гул чиҳо боди сабо гуфт?
Чӣ розеро ба гӯши сабзаҳо гуфт?
Аёнам гашт ӯ аз ишқ бо шавқ
Баёни қиссаву ҳарфи туро гуфт.
* * *

Умеду орзу дорию ман ҳам,
Баҳоре ҷустуҷӯ дорию ман ҳам.
Ҷавониро, биё, бо ҳам бубинем,
Ки аз он масти саршорию ман ҳам.

https://bikhon.tj/

* * *

Саропои дилам сӯз асту оҳ аст,
Паноҳи туст, аммо бепаноҳ аст.
Гунаҳкорӣ ба ишқам, лек, ҷоно,
Ду чашмонат ҳамоно бегуноҳ аст.

* * *

Чу шеъри шоирон монад муҳаббат,
Канори бекарон монад муҳаббат.
Ҷавониро тавонад, пир созад,
Ҷавон монад, ҷавон монад муҳаббат.

* * *

Ҳавасҳоям раҳи афлок овард,
Вале тири туям бар хок овард.
Агар олуда дидам чор унсур,
Нигоҳи покат ишқи пок овард.

* * *

Нигори лоларӯям ҳусни шарм аст,
Ҳавои боғи ӯям карда сармаст.
Дилам ҷӯяд ҳисоби насяву нақд,
Ки бозори матоъи ишқ гарм аст.

* * *

Ба пиндорам ҷаҳони дигарӣ ту,
К-аз ин олам басо ҳам бартарӣ ту.
Аз ин даҳри дудар хоҳам, гурезам,
Ба даҳри нав дароям аз дари ту.

* * *

Ба роҳи ошиқӣ дигар марав, дил,
Гирифтори бало дигар машав, дил!
Ту бо девонагӣ овоза гаштӣ,
Ба панди оқилон дигар гарав, дил!

* * *

Манам хандону дил, аммо бигиряд,
Мисоли чашмаю дарё бигиряд.
Чу абре номаҳои порагашта
Ба ҳам орӣ, ба ишқи мо бигиряд.

https://bikhon.tj/

* * *

Туро ошиқ нагаштан сад вубол аст,
Вубол аз ҷониби мо худ муҳол аст.
Ҷавонии ту фирдавси накӯист,
Қаду ҳусни расоят навниҳол аст.
* * *

Ҳамон ишқи нахусти ман ту бошӣ,
Ба сина сӯзи русти ман ту бошӣ.
Пайи сайди дилам сайёди зӯрӣ,
Ва ҳам оҳуи чусти ман ту бошӣ.
* * *

Бимон, ойинаат чашмони ман бод,
Ба мӯят шоназан мижгони ман бод.
Зи ҷонам атр хоҳам сохт, сурхӣ
Лабатро бӯсаи тафсони ман бод.
* * *

Дилам ҳадди биною маҳшари ишқ,
Ду дунёям фидои як сари ишқ.
Ту ҷойи офтобӣ, ман заминам,
Ба даврат гардаму бар меҳвари ишқ.
* * *

Саворам, ё ғуборам, худ надонам,
Шаробам, ё хуморам, худ надонам.
Намедонам, шукуфам, ё бинолам,
Баҳорам, ё ҳазорам, худ надонам.
* * *

Гули ман, то туро гулдон ба худ хонд,
Маро ҳам дар қафас зиндон ба худ хонд.
Ту он ҷо хор, ман ин ҷо шудам зор,
Баҳорамро хазонафшон ба худ хонд.
* * *

Зи сардии дили ӯ ларза дорӣ,
Дили ёри нават аз ишқ орӣ.
Ту меларзиву месӯзад дили ман,
Дили гарми маро дар ёд дорӣ?

https://bikhon.tj/

* * *

Давоми зиндагии мо нишон бод,
Давоми ишқ дарёи равон бод!
Агар сад навбаҳори мо хазон шуд,
Баҳори ношукуфта бехазон бод!

* * *

Аё домод, синҳорат муборак!
Аё эй моҳ, анворат муборак!
Зулайхо ҷониби бозор омад,
Аё Юсуф, харидорат муборак!

* * *

Биё, бингар, ки базми ошиқон аст,
Баҳори навҷавонӣ гулфишон аст.
Гулу булбул саодатёр гаштанд,
Ҷаҳони пир ҳам имшаб ҷавон аст.

* * *

Хушо булбул ба гулзоре расида,
Диле домони дилдоре кашида.
Ба ин базми дилафрӯзи арӯсӣ,
Қадамҳотон, азизон, нури дида!

* * *

Замоне ғамгусоре буд моро,
Диле буду қароре буд моро.
Ҷавонӣ буду ишқе буду дар каф
Ба ҷойи гул баҳоре буд моро.

* * *

Ҷавонӣ, қиссаи шабҳот бигзашт,
Шабони моҳу кавкабҳот бигзашт.
Чу поёнбахши рӯзи пурфасона
Ҷавонӣ, сурхии лабҳот бигзашт.

* * *

Паёми субҳу шоми ҳам надонем,
Ҷавобе бар саломи ҳам надонем.
Чу бо ноошноӣ ошноем,
Ду ҳамномему номи ҳам надонем.

https://bikhon.tj/

* * *

Дилам бо ёди ту бедор имшаб,
Нашуд хобе ба чашмам ёр имшаб.
Ситора дар само сад ёр дорад,
Надорам ёри дилбардор имшаб.

* * *

Баҳору тирамаҳ бигзашт, эй ёр,
Зи умрам солу маҳ бигзашт, эй ёр.
Ба роҳи ту нигоҳе доштам ман,
Ҷавонӣ бо нигаҳ бигзашт, эй ёр.

* * *

Ман аз дуди чаманҳо мехӯрам ғам,
Зи дасти мову манҳо мехӯрам ғам.
Ба танҳохорагӣ одат надорам,
Вале имрӯз танҳо мехӯрам ғам.

* * *

Сухан бар бедаҳан додӣ, чӣ дидӣ?
Ватан бар беватан додӣ, чӣ дидӣ?
Дили поку сафедат пора кардӣ,
Ба чанде бекафан додӣ, чӣ дидӣ?

* * *

Ватан, хоки ту доруи наҷиб аст,
Ба дардам сӯзани хорат табиб аст.
Ватандорон ба ғурбат рафта имрӯз,
Ватан беш аз ғарибонаш ғариб аст.

* * *

Фалак моро ба бемислӣ масал кард,
Маҳалбозӣ вале моро дағал кард.
Зи пирӯзӣ сухан дигар чӣ гӯем,
Ки Рустам Рахшро бо хар бадал кард.

* * *

Ту мегӯӣ, ки дар дунё парӣ нест,
Адову нозҳои дилбарӣ нест.
Париву дилбарӣ ҳаст, эй бародар,
Ғами ту ҷуз ғами савдогарӣ нест.

https://bikhon.tj/

* * *

Ту он оҳу, ки аз оҳу рамидӣ,
Ба паҳлӯи паланге орамидӣ.
Зи роҳе, ки ба боло рафта будӣ,
Ба поинҳо аз он боло хамидӣ.
* * *

Якам додӣ, садам бурдӣ, замоно,
Ба чанги дард биспурдӣ, замоно.
Маро сад бор куштӣ, кош, эй кош,
Ту ҳам як бор мемурдӣ, замоно.
* * *

Падар рафту нишони ӯ писар монд,
Қалам бишкаст агар, хатту хабар монд.
Чӣ сарҳое ба гардун мерасиданд,
Ҳама рафтанд, аммо дарди сар монд.
* * *

Бигуфто бод гулро: аз манӣ ту,
Танамро ҷону ҷонамро танӣ ту.
Бигуфто гул: агар ёри ту бошам,
Чаро бар чашми ман хоке занӣ ту?
* * *

Саҳаргаҳ шабнаме мегуфт бо гул,
Ман он ашкам, ки имшаб хуфт бо гул.
Ки дида рӯйи гул бигрист ошиқ,
Ки донад ӯ гулеро ҷуфт бо гул.
* * *

Диламро об месозад садоят,
Ҷаҳон зебост бо нозу адоят.
Зи ҷони ошиқон ширинтар астӣ,
Ҳазорон ҷони муштоқон фидоят.
* * *

Нигаҳ дӯзам ба рӯйи гул баринат,
Маро сӯзад нигоҳи оташинат.
Чу дасти ту ба дасти ман наомад,
Маро рашк аст бар ангуштаринат.

https://bikhon.tj/

* * *

Баҳор асту туро пазмонам, эй гул,
Туро аз бахти худ хоҳонам, эй гул.
Зи ман пурсанд номи ҳар гулеро,
Фақат номи туро медонам, эй гул.

* * *

Баҳор асту дилам наврӯзгоҳ аст,
Ба хушрӯии ту дунё гувоҳ аст.
Надонам аз муҳаббат, ё зи кина
Ба рӯят гулнигоҳонро нигоҳ аст.

* * *

Бихоҳад гулпарак бо гул нишастан,
Канори савсану сунбул нишастан.
Дили гулро бидонад як дили ман,
Ки гул хоҳад ба он кокул нишастан.

* * *

Чаман хандад зи як хандидани ту,
Биболад офтоб аз дидани ту.
Ту меарзӣ ба дунё, кист он кас,
Ки бошад лоиқи арзидани ту?

* * *

Бадал шуд бо рами дил ромии дил,
Намедонам дигар оромии дил.
Агар ин ишқ бадномист мардум,
Муборак бод ин бадномии дил!

* * *

Биёву бош ёрам, эй гули ман,
Ки бе ту бебаҳорам, эй гули ман.
Маяфкан ваъдаро бар рӯзи дигар,
Ки ман як умр дорам, эй гули ман.

* * *

Нигоре, ки маро бар ӯ нигоҳ аст,
Мисоли гавҳари чашмам сиёҳ аст.
Ҷамоли ӯ сафои нуқра дорад,
Ба субҳу шоми ман хуршеду моҳ аст.

https://bikhon.tj/

* * *

Нигорино, ба фарёди дилам рас,
Макун бедод, бар доди дилам рас.
Диламро мӯйи ту мавҷе заду бурд,
Биё, инак, ба имдоди дилам рас!
* * *

Туро домони пироҳан дароз аст,
Маро кӯтоҳдастӣ, ин чӣ соз аст?
Чӣ гӯям ман зи нозат, эй гул, эй гул,
Ки дар пироҳанат гулҳои ноз аст.
* * *

Гулеро мисли ту зебо надидам,
Ҳазореро бад-ин ово надидам.
Гули яктои ман, рашки ҳазорӣ,
Ҳазореро чунин якто надидам.
* * *

Худо гӯям, зи ту дурам насозад,
Ғами танҳоӣ маҳҷурам насозад.
Ба қадри бӯсаат бояд расам ман,
Ки то ҳаққи намак кӯрам насозад.
* * *

Алиф гашта расо бо ломи зулфат,
Дамида субҳи мо аз шоми зулфат.
Чу мурғе донаи холи ту дидам,
Фитодам бехабар дар доми зулфат.
* * *

Бихоҳам бар ту, эй дилдори дерин,
Шабони пурситора, хоби ширин.
Гаҳи бедорият ҳолам начӯӣ,
Ба хобат ҳоли ин бечораро бин.
* * *

Ту ширин хоб дорӣ, эй гули ноз,
Ман ин ҷо мекушоям дафтари роз.
Шабони рафтаву шабҳои монда
Дилам гум мезаду гум мезанад боз.

https://bikhon.tj/

* * *

Таманноям гули рӯйи ту бошад,
Хаёлам доимо сӯйи ту бошад.
Барои он ки шаб танҳо нахобӣ,
Дилам шабҳо ба паҳлӯи ту бошад.
* * *

Бароят рози дил мегӯям аз нав,
Раҳи ишқи туро мепӯям аз нав.
Ба роҳи омади ту, эй баҳорам,
Ба сони сабзаҳо мерӯям аз нав.
* * *

Парирухсори ман, зори ту мирам,
Бимон, эй ишқ, бемори ту мирам.
Зи ту бигрехтам, зеро битарсам,
Ки аз шодии дидори ту мирам.
* * *

Ба боғи ту гули маҳтоб рӯяд,
Зи ашки булбулон шодоб рӯяд.
Гули боғи висолат кардам уммед,
Гули уммеди ман дар хоб рӯяд.
* * *

Хаёлам рӯзу шабҳо хилвати туст,
Тамошои ҷаҳонам талъати туст.
Дилам дар хонаи ту бо чӣ корест?
Сафоратхонаам дар давлати туст.
* * *

Баҳори ноз, дил аз ман рабудӣ,
Аё ҳамроз, дил аз ман рабудӣ.
Ба гӯши ҷонам овози ту омад,
Ба як овоз дил аз ман рабудӣ.
* * *

Зи гулшан омадам гулро надида,
Ба дил хори пушаймонӣ халида.
Чаро аз назди дарё бозгаштам
Мани лабташна обе ночашида?!

https://bikhon.tj/

* * *

Ба ёди моҳи рӯйи дилбар, эй дил,
Ту имшаб ҳам ситора бишмар, эй дил.
Ба чашмам хоб имшаб ҳам наомад,
Шавӣ ту то саҳар ошиқтар, эй дил!

* * *

Шарору сӯзишу тобу таби дил,
Чунин мебигзарад рӯзу шаби дил.
Лабони сурхи ту андар нигоҳам
Бувад дипломи сурхи мактаби дил!

* * *

Гаҳи бетобиям ёди ту кардам,
Шаби бехобиям ёди ту кардам.
Тамузу ташнагӣ дашти дилам сӯхт,
Аё шодобиям, ёди ту кардам.

* * *

Адо гардам, адои ту бимирам,
Фидо гардам, фидои ту бимирам.
Бимон, ман мираму ту зинда бошӣ,
Барои ту, ба ҷойи ту бимирам.

* * *

Дили дарёи ёрам метавонад,
Бирезад бар дилам, оташ нишонад.
Ду абрӯи камону тири мижгон
Ҳама шаб мурғи хобамро паронад.

* * *

Чаро маҳтоб бо ту ҳамнишин нест?
Ҳамешармад, ки чун ту маҳҷабин нест.
Ману ту то даме, ки зинда бошем,
Саломи мо саломи охирин нест!!!

* * *

Туро шавқи шунидан дорам, эй гул,
Барои ту тапидан дорам, эй гул.
Надорам чашми дидан бе ту гулро,
Туро ман чашми дидан дорам, эй гул!!!

https://bikhon.tj/

* * *

Гумони ман хато будаст, гуфтӣ,
Ҷават гандумнамо будаст, гуфтӣ.
Дилам якумр пеши туст, аммо
Дилат аз ман ҷудо будаст, гуфтӣ.
* * *

Парирҷоно, ту бо ҷонам қаринӣ,
Ҳамеша дар дилам болонишинӣ.
Илоҳо давлати ҳуснат зиёда,
Дили моро ба чашми кам набинӣ.
* * *

Бимон, то дар дилам Лайло бимонад,
Дили Маҷнун чунин шайдо бимонад.
Агар рӯзе ҷаҳон бе ишқ бошад,
Дили ман аз ҳама дунё бимонад.
* * *

Барои ман зи ҷон ширин ту ҳастӣ,
Ба шабҳоям маҳу парвин ту ҳастӣ.
Маро бегонатар аз ман касе нест,
Дили ман ман бигӯяд, ин ту ҳастӣ.
* * *

Дару дарвозаи пирӣ расида,
Маро аз хони ғам серӣ расида.
Дареғо, модари айём имрӯз
Зи ҷон-гӯӣ ба ҷонгирӣ расида
* * *

Дили ман боз танҳо монда имрӯз,
Дили ман аз ману мо монда имрӯз.
Ғамам мехӯрд, то шодии ман буд,
Миёни гӯри ғамҳо монда имрӯз.
* * *

Дили дерина, зуд аз ёд рафтӣ,
Чу озар омадӣ, чун бод рафтӣ.
Зи обу гил бино кардӣ биҳиште,
Ту бо навмедии Шаддод рафтӣ.

https://bikhon.tj/

* * *

Ту рафтию аҷал наздиктар шуд,
Умеди зиндагӣ бориктар шуд.
Дилатро санги гӯрам кардӣ, эй гул,
Ҷаҳон аз гӯр ҳамториктар шуд.

https://bikhon.tj/

Р У Б О И Ё Т

https://bikhon.tj/

Якумр манам раванда дар роҳ, чӣ бок?
Аз сахтии роҳ бар дилогоҳ чӣ бок?
Аз умри дарозу роҳи кӯтоҳ чӣ суд?
Аз роҳи дарозу умри кӯтоҳ чӣ бок?
* * *

Нон дорам агар, думушта кӯбӣ дари ман,
Гар сер шудӣ, бирӯбӣ хокистари ман.
Чун даст ба некӣ занам, андеша кунам,
Подоши накӯиҳо чӣ бинад сари ман.
* * *

Аз ишқи ту пайдову ниҳон месӯзам,
Чун коҳдуде дар ин ҷаҳон месӯзам.
Пурнаҷм самост, аз ту холӣ дари ман,
Бо наҷми нигаҳ ман остон месӯзам.
* * *

Дар дасти ҳаёт ҷоми ширин аст,
Раҳгум заданат ба роҳи дерин аст.
Эй чист ҳама дидаву нодидаи мо?
Чун дидаву нодидаи беҳин ишқ аст!
* * *

Ҳар ғам, ки асар намоядам, эй ёрон,
Бе шӯру шарар намоядам, эй ёрон.
Бо донаи ашк то ғамам бишморам,
Як умри дигар бибоядам, эй ёрон.
* * *

Лабташнаи шаҳди лаби дилдор манам,
Дилташнаи гулгунаи рухсор манам.
Дарё шудаму шӯри лаболаб дорам,
Фардо нигарӣ, ки баҳри саршор манам.
* * *

Ин кӯза, ки лабҳош басе лаб дидаст,
Аз ғунчалабон ба бӯса мактаб дидаст.
Дар базми ҷаҳон, ки даври саргардонист,
Дар бодакашӣ рӯз пайи шаб дидаст.

https://bikhon.tj/

* * *

Ин кӯза бари рӯди ҳаёт аст имрӯз,
Дар панҷаи дасти эҳтиёт аст имрӯз.
Санги бағали рӯд варо мешиканад,
Ҳарчанд ба соҳили наҷот аст имрӯз.
* * *

Эй ёри ҷавониям, ҷавон хоҳӣ монд,
Пирам бинамуда, худ ҳамон хоҳӣ монд.
Дар ишқи ту ман умри абад хоҳам ёфт,
Дар дафтари ман ту ҷовидон хоҳӣ монд.
* * *

Дар сол ба ошиқӣ на лоиқ будам,
Дилсодаю хурди номувофиқ будам.
Аз сӯзи дарун наофаридам шарараре,
Ман лек ба як духтарак ошиқ будам.
* * *

Бо ғунчалабе ҳисоби ман нақд нашуд,
Ҷону дили ман зи ишқ хушбахт нашуд.
Мехостам, аз вақт ситонам комам,
Новақт шуморидаму пас вақт нашуд.
* * *

Дилташна манам, лек ба ҷӯйи дигаре
Бинмудӣ гузар ба боғу бӯйи дигаре.
Шуд садқаят обрӯи ман, лек омехт
Дар шири тани ту оби рӯйи дигаре.
* * *

То пояи кулли қуллаҳоро нигарем,
Тифлона сар афрошта, боло нигарем.
Пирӣ ба сари фарози мо резад барф,
Дар ҳар қадаме сояи поро нигарем.
* * *

Ин шамъ ба по мондаву парвона куҷост?
Ин хона ҳамону соҳиби хона куҷост?
Он буду набуди аввали афсона
Моем, вале давоми афсона куҷост?

https://bikhon.tj/

* * *

З-он рӯз, ки дар бисоти ғам зам гардем,
Мо хеш бисотдори ғам ҳам гардем.
Дар худ чу пиёла пур шавем аз аввал,
Охир чу пиёла мо зи худ кам гардем.

* * *

То чанд шавӣ ту ёрам, эй танҳоӣ?
Вазнин ту ба дӯш борам, эй танҳоӣ.
Он ҷой, ки танҳо ману танҳо ёрем,
Акнун бубару гузорам, эй танҳоӣ.

* * *

Андар бари сабзаҳо нишастам бо ҷӯй,
Лабро бикушуда шуд ба ман гӯё ҷӯй.
Гуфто: «Агар обрӯ чу мо мехоҳӣ,
Чун мо бинишин, зи хоксориҳо ҷӯй.»

* * *

Нони рухи ту зи ошиқӣ рӯза барад,
В-он кунҷити холат ба дари бӯса барад.
Эй пахтабадан, бимон, ки мавсими хушат
Ғамро зи дилам чу пахта аз ғӯза барад.

* * *

Аз дур ба дарди нав гирифтор шавам,
Бо ҷон ба табиби таби дил зор шавам.
Тақдир мабодо, чу Самарқанду Бухор
Наздики касе, аз ту ҷудо хор шавам.

* * *

Номи ману ту кош, ки якҷо гиранд,
Чун номи Самарқанду Бухоро гиранд.
Хоҳам, ки Самарқанду Бухоро чу ду дил
Дар обу гилу ҳавои мо ҷо гиранд.

* * *

Пеши назарат манам падидор, эй дӯст,
Домони ту дораму ту ҳам дор, эй дӯст.
Бинмоӣ раҳо гар чу Самарқанду Бухор,
Фардо бишавӣ яқин харидор, эй дӯст.

https://bikhon.tj/

* * *

Аз ҳусни ту зери таъна гулзор бимонд,
Бишнида анодилат, зи гуфтор бимонд.
Ширин, ки назири ӯ ба пиндор набуд,
Як роҳ туро дида зи рафтор бимонд.

* * *

Ҷун шӯълаи шамъи ҷон дилам меларзад,
Ё абраму аз фиғон дилам меларзад?
Гӯянд, ки як мижа задан фурсати умр,
Аз ҷунбиши мижагон дилам меларзад.

* * *

Дар мулки ягонагӣ мисоли ватанӣ,
Яктоӣ, вале ҷону танӣ, ҷону танӣ.
Бовар накунам, ки як гуле нест баҳор,
Якдона гули ман, ту баҳори чаманӣ.

* * *

Ин роҳи гузар зи баъди мо мемонад,
Не раҳгузаре, на нақши по мемонад.
Қарзем, ки аз одаму олам биканем,
Қарзи дигарон ба мо дуо мемонад.

* * *

Имкони баси савоб овардани мост,
Аз чист, ки гоҳ-гаҳ гунаҳ кардани мост?
Хуне, ки ба раг рехта мо айни гуноҳ,
Ҳам хуни савобест, ки бар гардани мост.

* * *

Эй кӯза, туву маро зи гил бунёд аст,
Ин базми ҷаҳон туфайли мо обод аст.
Ҳар кас, ки туву маро бубинад, гӯяд:
Дар чашмаи ишқ хуни дил эҷод аст.

* * *

Аз ҳоли шикастаи дилам бехабарӣ,
Аз боли шикастаи дилам бехабарӣ.
Ман гашта дуто, дуо намудам алифат,
Аз доли шикастаи дилам бехабарӣ.

https://bikhon.tj/

* * *

Аз гулҳавасонат задани хор магир,
Аз булҳавасон сояи озор магир.
Бо хилқати морона туро мехоҳанд,
Бо як нахи абрӯи думи мор магир.
* * *

Дар синаи мо қарору ором тапид,
Дар номаи мо номи дилором тапид.
Эй дил, бирав, аз ҷом тапиш вом бигир,
Хуни дили ток дар дили ҷом тапид.
* * *

Ҳар субҳи наве давоми шом аст ҳанӯз,
Оғозу тамомро давом аст ҳанӯз.
Афсонаи умри кӯтаҳам охир шуд,
Афсонаи ишқ нотамом аст ҳанӯз.
* * *

То пойи равон ба роҳи ҳастӣ дорем,
Бо бодаву май дароздастӣ дорем.
То бо сари маст мо наафтем аз пой,
Аз дасти дари сарои мастӣ дорем.
* * *

Ин умри азиз аз нигаҳ мегузарад,
Ҳар лаҳза зи умр солу маҳ мегузарад.
Хоҳам, ки гузар кунам каме оҳиста,
Роҳ аз кафи пой чун зи раҳ мегузарад.
* * *

Имрӯз ҳама хаёли рӯзӣ дорад.
Ку шамъи рухе, ки дилфурӯзӣ дорад,
Хайём хаёли хаймадӯзӣ дорад,
Айём хаёли хаймасӯзӣ дорад.
* * *

Дигар ману хуни ҷигару шоми дигар,
Хуршедсифат шикаста шуд ҷоми дигар.
Бо чарх видоъ кардаву Лоиқ рафт,
Аз хайма ба Хайра рафт Хайёми дигар.

https://bikhon.tj/

* * *

Ҳар ҷой, ки чашмаеву дарёе ҳаст,
Аз ашки ҳазор чашми шаҳлое ҳаст.
Саҳро, ки ту хаймаи худ он ҷо бизанӣ,
Ҷоест, ки хайраҳову сарҳое ҳаст.

* * *

Имсол, ки соли гӯсфанд омад боз,
Парҳез зи ақл судманд омад боз.
Ҳар қадр давид, по ба ҷое нарасид,
Аз риштаи раҳ ҳазор банд омад боз.

* * *

Эй пири замона, найсаворият ку?
Эй барги хазон, ранги баҳорият ку?
Эй соғари бишкаста, куҷо бодаи ҷон,
Эй масти аласт, ҳушёрият ку?

* * *

Моро ба ту бас майлу иродат бошад!
Хоҳам, ки сарат сабзу саломат бошад!
Имрӯз биё, вагарна фардои дигар
Тарсам, қадамат баҳри аёдат бошад!

* * *

Озар санаме тарошад аз пайкари хеш,
Ноне талабад Ҳотами Тай аз дари хеш.
Гар сурати хешро дар ойина надид,
Ойина чаро санг занад бар сари хеш?

https://bikhon.tj/

ЗИНДАГИНОМА

Искандари Раҳмон 25 декабри соли 1970 дар рустои Хумгарони шаҳри Панҷакент, дар оилаи коргар таваллуд ёфтааст. Баъди фароварди мактаби деҳааш соли 1986 ба Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент дохил мешавад. Ҳамзамон, узви маҳфили адабии «Бунафша»-и назди рӯзномаи «Зарафшон» буд. Соли 1990 Омӯзишгоҳро бо дипломи аъло хатм карда, донишҷӯйи факултети журналистика ва тарҷумонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мешавад. Соли 1995 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм кардааст. Алъон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии шумораи 83, деҳаи Хумгарон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, алифбои ниёгон дарс мегӯяд.

Аз овони наврасӣ машқи шеър мекунад.

Навиштаҳояш дар нашрияҳои «Зарафшон», «Меҳнат», «Чашмаи меҳр», «Ҳақиқати Ленинобод» (ҳоло «Ҳақиқати Суғд»), «Пионери Тоҷикистон» (ҳоло «Анбоз»), «Ба қуллаҳои дониш», «Адабиёт ва санъат», «Ҷумҳурият», «Паёми Душанбе», «Сомон», «Курер Таджикистана», «Чархи гардун», «Нури зиндагӣ», «Фараж», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Тоҷикистон», маҷаллаи адабии «Хуҷанд» (ҳоло «Паёми Суғд»), ҳамчунин китобҳои дастҷамъии «Бунафшаи Зарафшон» (Хуҷанд, 1991), «Рӯдакӣ бояд, ки ояд бори дигар бар ҷаҳон» (Панҷакент, 1996), «Дуррату-л-воъизин» (Душанбе, 2007), «Ман намурдаам, ай дӯст» (Душанбе, 2008), «Рӯдакӣ дар шеъри муосири тоҷик» (Душанбе, 2008), «Таълимгоҳи бузургон» (Душанбе, 2010), «Гулчини ғазал» (Душанбе, 2010), «Гулшани ғазал» (Душанбе, 2011), «Истеъдод лутфи худовандист» (Душанбе, 2011), «Ҷӯйи шикаста» (Панҷакент, 2012), «Тазкираи Панҷакент» (Душанбе, 2015), «Ашъори дилпазир» (Душанбе, 2016), «25 гуфтор» (Душанбе.

https://bikhon.tj/

2016) «Наврӯзи Зарафшон» (Душанбе, 2017) ва гайра чоп шуда.

Маҷмӯаҳои алоҳидааш – «Намози шабнам» (Душанбе, 1993), «Гулистони гӯё» (Панҷакент, 2001), «Қатраҳои ашки гамсӯз» (Панҷакент, 2005), «Ҷоми ҳанӯз» (Душанбе, 2010), «Аз субҳ то чароғ» (Душанбе, 2013) ба дасти алоқамандони адабиёт расидаанд.

Рӯзи 2 сентябри соли 2015 шеъри ӯ-«Бикӯшему некӣ ба кор оварем» дар озмуни байналмилалии «Фарҳанги ҳимоят» (Тоҷикистону Эрон) мақоми дуввумро дарёфт карда буд.

9 сентябри соли 2016 озмуни шеър бахшида ба пирӯзии гурзпартои беҳамто, фарзанди миллати тоҷик, барандаи медали тиллои Бозиҳои олимпии Рио-де-Жанейрои Бразилия Дилшод Назаров ҷамъбаст шуд. Ҳайати доварон шеъри шоир ва омӯзгор Искандари Раҳмонро сазовори ҷойи аввал донистанд.

https://bikhon.tj/

Мундарича

Гусели ашк…… 4
Он парасту…… 5
Анқо шудам…….. 5
Бикӯшему некӣ ба кор оварем…….. 6
Аз диёри меҳрубониҳо…… 8
Ифтихор…… 9
Вақте ки вожаҳо…….. 9
Шабе, ки ашкҳоят……... 10
Хаста…….. 11
Хазон имрӯз…… 12
Боз ҳам дар интиҳои рӯз…… 13
Ин манам ҳамсояи деворҳо……... 13
Эй лолаҳои доғ…… 14
Дар хами сояи гул……... 16
Ҳар қадар бо ҳам дӯст…… 16
Ман намедонам, чӣ дорад ҳикмати ин боғбон…….. 16
Ман ба ёдат намерасам боре …… 17
Як сол пеш аз ин…….. 17
Мелоди Озарахш…… 18
Мелоди Фарзона…… 19
Канори оташи ишқе …….. 19
Се фасли чароғ…… 22
Ошиқе бепул буд…… 23
Бе ишқ чистам? ……... 24
Ҳанӯз, эй соат…….. 24
Аё гул…… 25
Зи боғу растаҳо, аз қалби хора…… 27
Рӯйи Наврӯз мунаввар бикунад олами дил…… 27
Сари савдозада, сарсон нашавӣ……... 27
Баҳори тозаву дилчӯ……... 28
Эй ту ситораи саҳар…… 29
Моҳи рӯза, қадри ҷонам меравад бо рафтанат……. 29
Ранҷи дил беҳисоб, эй соқӣ …….. 29
Чиҳил кокул парешон дошт борон…….. 30
Ҳар саре гарм аст бо бозору бо савдои хеш…….. 31
Шабе дар хоб дидам……... 31
Саре дорам, биё, савдои ман бош…… 32

https://bikhon.tj/

Боғбон, лолаи боғи ту саломат бодо…….. 32
Вақте чароғҳо ҳама хомӯш мешаванд…… 33
Эй субҳ, ба дидани ту меоям…… 33
Гуфтӣ, ки ишқ оби равон асту бигзарад…… 34
Агар меомадӣ …….. 34
Дидаам саҳрост, эй Маҷнун …… 35
Чашми сарам карони дилам гиря мекунад…… 35
Ба аёдатат расидам…… 36
Оҳ, дунёям зи дунё буданаш навмед шуд …….. 36
Бишнав аз дарё саломамро…… 37
Будаам боғу чаман…….. 37
Ҳамин дирӯз роҳу кӯчаҳои дил дигар буданд……... 37
Эй беди маҷнун…… 38
Ман аз ин оғоз, аз оғози як фарёд…… 38
Одам чаро намерасад бар орзуи хеш…….. 39
Аё барги хазон…… 40
Турнаҳои фасли маҳзунии ман …….. 40
Оҳ, ин ойинаҳо мижгонсиёҳанд …….. 41
Акнун, ки дилам аз туву аз кори ҷаҳон монд…… 41
Ишқи нав омад…… 42
Ман надонам чӣ кунам бо ҳама нодонии дил……... 42
Ҷоми гулфоме надорам…….. 43
Эй қаламкаш…… 43
Ту будӣ мушк, ё аттор…… 44
Ман чаро ин гуна сангиндил шудам……... 44
Таънаам кардию оҳам рехт …….. 45
Нола нойи маро намешунавад…… 45
Чу ман дар хонаат меҳмонам, эй Наврӯз…… 46
Аз дар бадар нарафтаму бе ман баҳор шуд …….. 46
Дареғи рӯдҳо ……... 47
Хонаам дар гузари борон аст……... 48
Пеш аз ин васвасаҳо ҳадяи раҳмонӣ буд ……... 48
Бишнав, ки чу най ҳикояте дорам…… 49
Мавҷи ашки фариштаро монӣ …… 50
Юсуф, хамӯшият, ки ба ғавғо фурӯхтанд……... 50
Оташи мо дудҳо манзур кард…… 51
Бӯйи дуди китоб меояд…….. 51
Дар ин гулшан зи пажмурдан битарсем…… 52
Зи май паймонаҳо холист имшаб…… 53

https://bikhon.tj/

Хандае будаму хомӯш шудам…….. 53
Ман хораму ту гулшан…….. 54
Чашми бедор, меравам сӯят……. 54
Монанди тут ҳар даме афшонда шуд дилам……. 54
Гум шудам, пайдо шудам дар ишқи ту …….. 55
Эй шоми бахтро қамар ……. 55
Зиҳӣ дини Муҳаммад (с)…… 56
Ёди ман аз подабонӣ бозмеояд……. 56
Туғрал кӣ буд, як тан аз ворастагони даҳр…… 57
Вақте ки марҳаме ба дили реш мерасад……. 57
Аз хоб хестам, ки саморо ба бар кашам……. 58
Пардаҳои ёд меларзад…… 58
Навои навидам, салом, эй баҳор…….. 59
Сар ба сармои ғамон биспурдаам ……... 60
Ҷоми ҷаҳоннамо дигар чорагарам намешавад……. 60
Монои маст меравад дар кӯчаҳо шамол …… 60
Навгули баҳман бувад ҳамзоди ту …….. 61
Имрӯзҳо ба хотири дирӯз по шудам…… 61
Хезу аз хона баро, Наврӯз аст …… 62
Дилсӯзтар аз шарора будӣ…… 62
Дар ин ҷазираи бедоди ишқ танҳоям…….. 63
Ҷафокоро, мадеҳ барбод моро……. 63
Бо баду неки ҷаҳон чанде муросо боядам…… 64
Дубайтиҳо…….. 65
Рубоиёт…….. 78

https://bikhon.tj/

ОЯТИ САБЗИ НИГОҲ

Муҳаррири ороиш *А. Исоев*
Муҳаррири техникӣ *К. Эгамбердиев*

БИ № 5788

Ба чоп 03.05. 17 имзо шуд. Андозаи 60Х84 $^{1}/_{16}$.
Коғази офсет. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсет.
Ҷузъи чопии шартӣ 5.63. Адади нашр 300.
Супориши №. 19 Нархи шартномавӣ.

Муҳамад ссисаи нашриявии «Ирфон»-и
ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17.
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018, E.mail: irfon-company@mail.ru

ҶДММ «Сифат – Офсет»

https://bikhon.tj/